# Ахлоқи ҷинсӣ

*Ба қалами Устод Муртазо Мутаҳҳарӣ*

*Баргардон ба хатти кирилл:*

*Сайидюнуси Истаравшанӣ*

## Алоқаи ҷинсӣ ё гуноҳи зотӣ дар ҷаҳони қадим

Барои мо мусалмонон, ки алоқаи ду ҳамсарро ба якдигар яке аз нишонаҳои боризи Худованд медонем (ба ин далел, ки:

وَمِنْ آياتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْواجاً لِتَسْكُنُوا إِلَيْها وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً

*"Яке аз нишонаҳои Ӯ ин аст, ки аз худи шумо барои шумо ҳамсар офарид, то бо ӯ ором гиред ва миёни шумо меҳру муҳаббат қарор дод." (Сураи Рум, ояти 21)*) ва никоҳро "суннат" ва таҷаррудро як навъ "шарр" ҳисоб мекунем, ҳангоме ки мехонем ё мешунавем, ки баъзе аз ойинҳо алоқаи ҷинсиро зотан палид ва омезиши ҷинсиро — агарчӣ бо ҳамсари шаръӣ ва қонунӣ — мӯҷиби табоҳӣ ва суқут медонанд, дучори таъаҷҷуб мешавем.

Аҷибтар он ки мегӯянд, дунёи қадим умуман гирифтори ин ваҳм будааст. Бертронд Росел (*Bertrand Russell*), файласуфи иҷтимоии машҳури муосир, мегӯяд:

*"Авомил ва ақоиди мухолифи ҷинсият дар асрҳои хеле қадим вуҷуд дошта ва бахусус дар ҳар ҷо, ки масеҳият ва дини Будо пирӯз шуд, ақидаи мазбур низ тафаввуқ ёфт. Вестер Морк (Wester Mark) мисолҳои зиёде "аз ин фикри аҷиб мабнӣ бар ин ки чизи нопок ва табоҳӣ дар равобити ҷинсӣ вуҷуд дорад" зикр менамояд. Дар он нуқоти дунё низ, ки дур аз таъсири мазҳаби Будо ва Масеҳ будааст, адён ва роҳибоне будаанд, ки тарафдорӣ аз таҷарруд мекардаанд, монанди гурӯҳе дар миёни яҳудиён… Ва бад-ин тариқ як нафрати умумии риёзат дар дунёи қадим эҷод шуд. Дар Юнон ва Руми мутамаддин низ тариқаи Калбийюн ҷойи тариқаи Эпикурро гирифт… Афлотуниёни нав низ ба андозаи Калбийюн риёзатталаб будаанд. Аз Эрон ин ақида ба самти Бохтар пахш шуд, ки мода айни табоҳӣ аст ва ба ҳамроҳи он ин эътиқод ба вуҷуд омад, ки ҳар гуна робитаи ҷинсӣ нопок аст ва ин ақида бо ҷузъе ислоҳ эътиқоди калисои масеҳият маҳсуб гардид." (Заношуӣ ва ахлоқ, с.25-26)*

Ин ақида қарнҳо виҷдони анбӯҳи азиме аз афроди башарро таҳти нуфузи тарсовар ва нафратангези худ қарор дода ва ба ақидаи равонковон, нуфузи ин ақида ихтилолоти равонӣ ва бемориҳои руҳии фаровонеро мӯҷиб шудааст, ки аз ин ҷиҳат монанд надорад.

Маншаи пайдоиши ин гуна афкор ва ақоид чист? Чӣ чиз сабаб мешавад, ки башар ба алоқа ва майли табиии худ ба чашми бадбинӣ бингарад ва дар ҳақиқат ҷузъе аз вуҷуди худро маҳкум кунад? Матлабест, ки мавриди тафсири мутафаккирон қарор гирифтааст ва мо

акнун дар садади ковиш дар он нестем. Масалан, иллатҳои гуногуне метавонанд дар гароиши башар ба ин гуна афкор ва оро дахил бошанд.

Зоҳиран, иллати ин ки фикри палидии "алоқа ва омезиши ҷинсӣ" дар миёни масеҳиён то ин ҳадд авҷ гирифт, тафсире буд, ки аз оғози ташкили калисо аз тарафи калисо барои муҷаррад зистани ҳазрати Исои Масеҳ (а) сурат гирифт. Гуфта шуд, иллати ин ки Масеҳ то охир муҷаррад зист, палидии зотии ин амал аст ва ба ҳамин ҷиҳат руҳониҳо ва муқаддасини масеҳӣ шарти вусул ба мақомоти руҳониро олуда нашудан ба зан дар тамоми муддати умр донистанд ва Поп аз миёни инчунин афроде интихоб мешуд. Ба ақидаи арбоби калисо, тақво эҷоб мекунад, ки инсон аз издивоҷ худдорӣ кунад. Росел мегӯяд:

*"Дар рисолоти Қиддисин ба ду ё се тавсифи зебо аз издивоҷ бармехӯрем, вале дар соири маворид падарони калисо аз издивоҷ ба зишттарин сурат ёд кардаанд. Ҳадафи риёзат ин буда, ки мардонро муттақӣ созад, бинобар ин, издивоҷ, ки амали пасте шумурда мешуд, боистӣ мунъадим шавад. "Бо табар бакорати дарахти заношӯиро фурӯ андозед!" Ин ақидаи росихи Сен Жерум (Saint Jerome) дар бораи ҳадафи тақаддус аст." (Ҳамон манбаъ, с.30*)

Калисо издивоҷро ба нияти тавлиди насл ҷоиз мешуморад, аммо ин зарурат палидии зотии ин корро аз назари калисо аз миён намебарад. Иллати дигари ҷавози издивоҷ (аз назари калисо), дафъи афсад ба фосид аст. Яъне ба ин васила аз омезишҳои беқайду банди мардону занон ҷилавгирӣ мешавад.

Росел мегӯяд:

*"Тибқи назарияи Сен Пул (Saint Paul), масъалаи тавлиди насл ҳадафи фаръӣ буда ва ҳадафи аслии издивоҷ ҳамон ҷилавгирӣ аз фисқ будааст. Ин нақши асосии издивоҷ аст, ки дар ҳақиқат дафъи афсад ба фосид шумурда шудааст." (Ҳамон манбаъ, с.31*)

Калисо издивоҷро ғайриқобили фасх ва талоқро мамнӯъ мешуморад. Гуфта мешавад, калисо хостааст бад-ин васила издивоҷро тақдис ва аз таҳқири он бикоҳад. Мумкин аст иллати мамнӯияти талоқ ва ғайриқобили фасх будани издивоҷ аз назари калисо ин бошад, ки хостааст барои касоне, ки аз биҳишт таҷарруд ронда шудаанд, ҷарима ва муҷозоте қоил бошад.

Чунон ки медонем, ақоиди таҳқиромез роҷеъ ба худи зан дар миёни милал ва ақвоми қадим мабнӣ бар ин, ки зан инсони комил нест, барзахе аст миёни инсон ва ҳайвон, зан

дорои нафси нотиқа нест, зан ба биҳишт ҳаргиз роҳ нахоҳад ёфт ва амсоли инҳо зиёд вуҷуд доштааст…

Ақидаи палидии алоқа ва омезиши ҷинсӣ мутлақан, руҳи зану мардро ошуфта месозад ва кашмакаши ҷонкоҳе миёни ғаризаи табиӣ аз як тараф ва ақидаи мазҳабӣ аз тарафи дигар ба вуҷуд меоварад.

Нороҳатиҳои руҳӣ, ки авоқиби вахиме бор меоварад, ҳамвора аз кашмакаш миёни тамоюлоти табиӣ ва талқиноти мухолифи иҷтимоӣ пайдо мешавад. Аз ин ҷиҳат аст, ки ин масъала фавқулъода мавриди таваҷҷӯҳи маҳофили равоншиносӣ ва равонковӣ қарор гирифтааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба нукоти фавқ, мантиқи олии ислом фавқулъода ҷалби таваҷҷӯҳ мекунад. Дар ислом кучактарин ишорае ба палидии алоқаи ҷинсӣ ва осори ношӣ аз он нашудааст. Ислом саъйи худро барои танзими ин алоқа ба кор бурдааст. Аз назари ислом, равобити ҷинсиро фақат масолеҳи иҷтимоии ҳозир ё насли оянда маҳдуд мекунад ва дар ин замина тадобире иттихоз кардааст, ки мунҷар ба эҳсоси маҳрумият ва нокомӣ ва саркӯб шудани ин ғариза нагардад.

Мутаассифона, донишмандоне амсоли Бертронд Росел, ки аз ақоиди масеҳият ва будоӣ ва ғайра дар ин замина интиқод мекунанд, дар бораи ислом сукут менамоянд. Росел дар китоби “*Заношӯӣ ва ахлоқ*” ҳамин қадр мегӯяд:

*“Куллияи бониёни мазоҳиб ба истиснои Муҳаммад ва Кунфусиюс (Конфутсий) — агар битавон маслаки ӯ (Кунфусиюс)-ро мазҳаб номид — таваҷҷӯҳе ба усули сиёсӣ ва иҷтимоӣ надошта ва кӯшидаанд, такомули руҳро аз роҳи ишроқ, тафаккур ва фано фароҳам кунанд.” (Ҳамон манбаъ, с.86)*

Ба ҳар ҳол, аз назари ислом алоқаи ҷинсӣ на танҳо бо маънавият ва руҳоният мунофот надорад, балки ҷузъи хӯю хулқи анбиёст. Дар ҳадисе мехонем:

**مِنْ اَخْلاقِ الْاَنْبِیاءِ حُبُّ النِّساءِ**

Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи) ва пешвоёни динӣ, тибқи осор ва ривоёти фаровон, ки расидааст, муҳаббат ва алоқаи худро ба зан дар камоли сароҳат изҳор мекардаанд ва баръакс, равиши касонеро, ки майл ба раҳбоният пайдо мекарданд, сахт тақбеҳ менамуданд.

Яке аз асҳоби Расули Акрам ба номи Усмон ибни Мазъун кори ибодатро ба ҷойе расонид, ки ҳамаи рӯзҳо рӯза мегирифт ва ҳама шаб то субҳ ба намоз мепардохт. Ҳамсари вай ҷараёнро ба иттилои Расули Акрам расонид. Расули Акрам дар ҳоле ки осори хашм аз чеҳрааш ҳувайдо буд, аз ҷо ҳаракат кард ва пеши Усмон ибни Мазъун рафт ва ба ӯ фармуд: *"Эй Усмон! Бидон, ки Худо маро барои раҳбоният нафиристодааст. Шариати ман шариати фитрии осоне аст. Ман шахсан намоз мехонам ва рӯза мегирам ва бо ҳамсари худам низ омезиш мекунам. Ҳар кас мехоҳад аз дини ман пайравӣ кунад, бояд суннати маро бипазирад. Издивоҷ ва омезиши зану мард бо якдигар, ҷузъи суннатҳои ман аст."*

Матолибе, ки дар бораи палидии алоқаи ҷинсӣ ва осори ношӣ аз он гуфтем, марбут ба гузаштаи дунёи ғарб буд. Дунёи ғарб дар замони ҳозир дар заминаи ахлоқи ҷинсӣ нисбат ба гузашта ба истилоҳ як даври 180 дараҷаӣ задааст. Имрӯз ҳамаи сухан аз тақдис ва эҳтироми алоиқ ва равобити ҷинсӣ ва лузуми озодӣ ва бардоштани ҳар қайду банде дар ин замина аст. Дар гузашта он чӣ гуфта шудааст, ба номи дин буда ва имрӯз нуқтаи муқобили онҳо ба номи илм ва фалсафа пешниҳод мешавад.

Бадбахтона, мо аз зарари афкори қадими ғарбиҳо бо ҳамаи заъиф будани васоили иртиботӣ миёни ақвом ва милал масун намондем ва каму беш дар миёни мо рахна кард, аммо афкори ҷадидашон дар авзоъ ва аҳволи ҳозир сайлосо ба сӯйи мо равон аст. Дар қисмати дуввуми ин баҳс, дар бораи афкори ҷадиде, ки дар заминаи ахлоқи ҷинсӣ дар ҷаҳон пайдо шуда баҳс мешавад.

* * *

Дар сафаҳоти гузашта баҳси мухтасаре дар атрофи ақидаи роиҷи ҷаҳони қадим ба палидии зотии равобити ҷинсӣ мутлақан, ва таъсири суи амиқи ин ақида дар ошуфта сохтани замири башар эрод ва ба мантиқи олии худоии ислом дар ин замина ишора шуд. Дар ин сафаҳот оро ва ақоиди мутафаккирони ҷадид дар ин замина, ки дуруст дар нуқтаи муқобили аслоф (пешиниён)-и худашон аст, мавриди баҳсу таҳқиқ қарор мегирад.

Ахлоқи ҷинсӣ қисмате аз ахлоқ ба маънои омм аст; шомили он идда аз одот ва малакот ва равишҳои башарӣ аст, ки бо ғаризаи ҷинсӣ бастагӣ дорад. Ҳаёи зан аз мард, ғайрати номусии мард, ифоф ва вафодории зан нисбат ба шавҳар, сатри аврат, сатри бадани зан аз ғайри маҳорим, манъи зино, манъи таматтуи назарӣ ва ламсӣ аз ғайри ҳамсари қонунӣ,

манъи издивоҷ бо маҳорим, манъи наздикӣ бо зан дар айёми одат, манъи нашри суратҳои қабеҳа, тақаддус ё палидии таҷарруд ва ғайра… ҷузъи ахлоқ ва одоти ҷинсӣ ба шумор мераванд. Ахлоқи ҷинсӣ ба ҳукми қувват ва қудрати фавқулъодаи ғариза — ки ин қисмат аз ахлоқи башарӣ вобаста ба он аст — ҳамвора муҳимтарин бахшҳои ахлоқ ба шумор мерафтааст. Вил Дуронт (*William Durant*) мегӯяд:

*"Сару сомон бахшидан ба равобити ҷинсӣ ҳамеша муҳимтарин вазифаи ахлоқ ба шумор мерафтааст, зеро гаризаи тавлиди мисл на танҳо дар ҳини издивоҷ, балки қабл ва баъд аз он низ мушкилоте фароҳам меоварад ва дар натиҷаи шиддату ҳиддати ҳамин гариза ва нофармон будани он нисбат ба қонун ва инҳирофоте, ки аз ҷоддаи табиӣ пайдо мекунад, беназмӣ ва игтишош дар созмонҳои иҷтимоӣ тавлид мешавад."* (*Торихи тамаддун, ҷ.1, с.69*)

Нахустин баҳси илмӣ ва фалсафӣ, ки дар инҷо ба миён меояд ин аст, ки сарчашмаи ин ахлоқ чист? Чӣ тавр шуд, ки масалан хасисаи ҳаё ва иффат дар зан пайдо шуд? Чаро мард дар мавриди зани худ ғайрат меварзад? Оё ин ғайрат ҳамон ҳасодати маъмулӣ аст, ки башар онро дар ҳамаҷо маҳкум карда ва истисноан дар ин як маврид онро писандида медонад ё чизи дигар аст? Агар ҳамон ҳасодат аст, иллати истисно чист ва агар чизи дигар аст, чӣ гуна метавон онро тавзеҳ дод? Ҳамчунин маншаи зишт шумурдани кашфи аврат, фаҳшои издивоҷ бо маҳорим ва ғайра чист? Оё сарчашмаи инҳо худи фитрат ва табиат аст? Оё фитрат ва табиат барои ин ки ба ҳадафҳои худ ноил ояд ва ба зиндагии башар — ки табъан иҷтимоӣ аст — низом бидиҳад, ин эҳсосот ва авотифро дар башар ниҳодааст ё иллатҳои дигаре дар кор буда ва дар тӯли торих дар руҳияи башар асар карда, то тадриҷан ҷузъи замири ахлоқии башар қарор гирифтааст?

Агар сарчашмаи ин ахлоқ табиат ва фитрат аст, чаро ақвоми ибтидоӣ ва ақвоми ваҳшии замони ҳозир, ки ҳанӯз монанди ақвоми ибтидоӣ зиндагӣ мекунанд, ин хасоисро лоақал ба шакле ки инсони мутамаддин дорад надоранд? Ва ба ҳар ҳол, асл ва маншаъ ҳар чӣ бошад ва гузаштаи башарият ба ҳар наҳв ки будааст, имрӯз чӣ бояд кард? Башар дар заминаи ахлоқи ҷинсӣ чӣ роҳеро боист пеш бигирад, ки ба сарманзили саодат ноил ояд? Оё ахлоқи ҷинсии қадимро бояд ҳифз кард ва ё бояд онро дарҳам рехт ва ахлоқи навин ҷойгузини он сохт?

Вил Дуронт бо ин ки решаи ахлоқро на табиат, балки пешомадҳое, ки аҳёнан талх ва ногувор ва золимона будааст медонад, муддаъӣ аст, ки ин ахлоқ ҳарчанд маойибе дорад, аммо чун мазҳари интихоби аслаҳ (некӯтар) дар масири такомул аст, беҳтар ин аст ҳифз шавад. Вай дар бораи эҳтироми бакорат ва масъалаи ҳаё ва эҳсоси шарм мегӯяд:

*"Одот ва сунани асосии қадимии иҷтимоъ намояндаи интихоби табиӣ аст, ки инсон дар тайи қуруни мутаволӣ пас аз гузаштан аз иштибоҳоти бешумор карда, ва ба ҳамин ҷиҳат бояд гуфт, бо вуҷуди он ки эҳтироми бакорат ва эҳсоси шарм аз умури нисбӣ ҳастанд ва бо вазъи издивоҷ аз роҳи харидории зан иртибот доранд ва сababи бемориҳои асабӣ мешаванд, порае фавоиди иҷтимоӣ доранд ва барои мусоидат дар бақои ҷинс, яке аз авомил ба шумор меравáнд." (Ҳамон манбаъ, ҷ.1, с.74*)

Фрейд (*Sigmund Freud*) ва пайравони вай ақидаи дигаре доранд, муддаъӣ ҳастанд, ки ахлоқи куҳанро дар умури ҷинсӣ бояд вожгун кард ва ахлоқи ҷадидеро ҷойгузини он намуд. Ба ақидаи Фрейд ва пайравонаш, ахлоқи ҷинсии куҳан бар асоси маҳдудият ва мамнӯият аст, ва он чӣ аз нороҳатӣ, ки бар сари башар омадааст, аз мамнӯиятҳо ва маҳрумиятҳо ва тарсҳо ва ваҳшатҳои ношӣ аз ин мамнӯиятҳо, ки дар замири ботини башар ҷойгузин гашта, омадааст.

Бертронд Росел низ дар ахлоқи навине, ки пешниҳод мекунад, ҳамин матлаброро асос қарор медиҳад. Ӯ ба ақидаи худ дар заминаи ахлоқи ҷинсӣ аз мантиқе дифоъ мекунад, ки дар он эҳсосоте аз қабили эҳсоси шарм, эҳсоси ифоф ва тақво, ғайрат (ҳасодат аз назари ӯ) ва ҳеч гуна эҳсоси дигаре аз ин гуна, ки вай ва амсоли ӯ онҳоро "тобу" мехонанд, вуҷуд надошта бошад, маъонӣ ва мафоҳиме аз қабили зиштӣ, бадӣ, расвоӣ дар он роҳ наёбад, фақат муттакӣ ба ақл ва тафаккур буда бошад. Маҳдудияти ҷинсиро фақат он қадр мепазирад, ки дар мавриди мамнӯиятҳои ғизоӣ қобили пазириш аст. Вай дар китоби "*Ҷаҳоне, ки ман мешиносам*" дар фасли марбут ба "*Ахлоқи тобу*" дар посухи пурсише, ки аз вай мешавад мабнӣ бар ин ки "оё ҳеч гуна панду андарзе барои касоне, ки бихоҳанд дар бораи умури ҷинсӣ хатти машйи дуруст ва оқилонае дар пеш гиранд, доред?" мегӯяд:

*"… Билохира лозим аст, ки масъалаи ахлоқи ҷинсиро ҳам монанди соири масоил мавриди баррасӣ қарор диҳем. Агар аз анҷоми амале зиёне мутаваҷҷеҳи дигарон нашавад, далеле надорем, ки иртикоби онро маҳкум кунем…" (Ҷаҳоне, ки ман мешиносам, с.68*)

Дар посухи пурсише дигар мабнӣ бар ин ки “бино ба ақидаи шумо, бояд ҳатки исматро маҳкум сохт, вале шумо аъмоли мунофии иффати маъмулиро чунончи хасорате бор наёварад, маҳкум намекунед?” мегӯяд:

*“Бале, ҳамин тавр аст. Изолаи исмат (бакорат) як таҷовузи ҷисмӣ дар миёни афрод аст, аммо агар бо масоили аъмоли мунофии иффат мувоҷеҳ шудем, он вақт бояд мавқеиятро дар назар гирифт ва мулоҳиза кард, ки дар чунин мавқеияти ҳассос далоиле барои ибрози мухолифат вуҷуд дорад ё на.” (Ҳамон манбаъ*)

Мо феълан вориди ин баҳс намешавем, ки оё эҳсосоте аз қабили ҳаё ва ғайра — ки имрӯз “ахлоқи ҷинсӣ” номида мешаванд — решаи фитрӣ ва табиӣ дорад ё надорад? Зеро ин баҳс доманаи дарозе дорад. Ҳамин қадр мегӯем, ин таваҳҳум пеш наёяд, ки воқеан улум ба онҷо расида, ки решаи ин масоилро ба даст овардааст? Он чӣ дар ин заминаҳо гуфта шуда ҷуз як идда фарзҳо ва тахминҳо нест ва худи фарзкунандаҳо ба ҳеч ваҷҳ ваҳдати назар надоранд. Масалан, Фрейд маншаи пайдоиши эҳсоси ҳаёро чизе медонад, Росел чизи дигар, Вил Дуронт чизи дигар, ки мо барои парҳез аз итола аз зикри онҳо худдорӣ мекунем. Иллати аслии тамоюли ин афрод ба ғайри табиии будани ин эҳсосот, адами муваффақият барои тавҷеҳи саҳеҳ ин эҳсосот аст.

Мо фарз мекунем ин эҳсосот ҳеч гуна (тавҷеҳи) табиӣ надорад ва мехоҳем монанди ҳар амри қарордодии дигар бар мабнои масолеҳи фард ва иҷтимоъ ва саодати башарият барои инҳо тасмим бигирем, бибинем мантиқ ва таъаққул ба мо чӣ мегӯяд? Оё мантиқ ва таъаққул эҷоб мекунад, барои бозёфтани комили саломати равон ва барои расидани иҷтимоъ ба ҳаддиаксари масаррат ва саодат, тамоми қайдҳо ва ҳудуд ва мамнӯиятҳои иҷтимоиро бишканем? Ё хайр, муқтазои мантиқ ва таъаққул ин аст, ки бо сунан ва хурофоте мубтанӣ бар палидии алоқаи ҷинсӣ мубориза кунем ва дар айни ҳол мӯҷиботи туғён ва исён ва нороҳатии ғаризаро ба номи “озодӣ” ва “парвариши озодона” фароҳам накунем.

Тарафдорони ахлоқи ҷинсии навин назароти худро бар се асл мубтанӣ кардаанд:

1. Озодии ҳар касе то онҷо, ки мухил (халаловар) ба озодии дигарон набошад, бояд маҳфуз бимонад;

2. Саодати башар дар гарави парвариши тамоми истеъдодҳое аст, ки дар вуҷуди вай ниҳода шудааст. Худпарастӣ ва бемориҳои нашӣ аз он, марбут ба ошуфтагии ғароиз аст. Ошуфтагии ғароиз аз онҷо нашӣ мешавад, ки миёни ғароиз табъиз шавад, баъзе ирзо ва ишбоъ ва баъзеи дигар ҳамчунон ирзо нашуда боқӣ бимонанд. Аз ин рӯ, барои ин ки инсон ба саодати зиндагӣ ноил ояд, бояд тамоми истеъдодҳои ӯро мутасовиян парвариш ва тавсиъа дод;

3. Рағбати башар ба як чиз, дар асари иқноъ ва ишбоъ коҳиш меёбад, вале дар асари имсок (худдорӣ) ва манъ фузунӣ мегирад. Барои ин ки башарро аз таваҷҷӯҳи доим ба умури ҷинсӣ ва аворизи нашӣ аз он мунсариф кунем, ягона роҳи саҳеҳ он аст, ки ҳар гуна қайд ва мамнӯиятеро аз ҷилави пояш бардорем ва ба ӯ озодӣ бидиҳем. Шароратҳо ва кинаҳо ва интиқомҳо ҳама нашӣ аз ахлоқи хашини ҷинсӣ аст.

Инҳост усуле, ки ахлоқи навини ҷинсиро бар онҳо ниҳодаанд ва мо бояд иншоаллоҳ маводди пешниҳодии ин мактаби навинро бо баҳсу таҳқиқи кофӣ дар усули сегонаи фавқ мавриди баррасӣ қарор диҳем.

* * *

Мумкин аст афроде, ки иттилои кофӣ надоранд, тарҳи мабоҳиси болоро чандон лозим ва муфид надонанд, аммо ба назари мо баҳс дар ин гуна масоил дар иҷтимои ҳозир бисёр зарурат дорад, на танҳо аз он ҷиҳат, ки афкори фалосифа ва муфаккирони маъруф ва машҳуреро ба худ ҷалб кардааст, балки аз он назар, ки ин афкор дар миёни табақаи ҷавон дар ҳоли пешрафт ва тавсиъа аст ва чӣ басо ҷавононе ҳастанд, ки сармояи фикриашон вофӣ нест, ки ба баррасии мантиқии ин масоил бипардозанд, мумкин аст шахсият ва шӯҳрати соҳибони ин афкор онҳоро таҳти нуфуз ва таъсири худ қарор диҳад ва ақида пайдо кунанд, ки ин суханон сад дар сад мутобиқ бо мантиқ аст.

Ба назари мо, зарурат дорад хонандагони мӯҳтарамро дар ҷараён бигузорем ва огоҳ кунем, ки афкоре, ки дар ин замина аз ғарб бархоста ва ҷавонони мо тоза бо алифбои он ошно шудаанд ва аҳёнан таҳти унвонҳои муқаддасе назири “озодӣ” ва “мусовот” бо ҷону дил онҳоро мепазиранд, ба куҷо мунтаҳӣ мешавад? Охири ин хатти сайр куҷост? Оё иҷтимои башар қодир хоҳад буд дар ин масир гом бардорад ва роҳи худро идома диҳад ё ин ки ин

кулоҳест, ки барои сари башар хеле бузург аст; ин роҳест, ки идома додани он ҷуз фанои башарият чизе дарбар надорад?

Аз ин рӯ, мо лозим медонем, ки дар инҷо – ҳарчанд ба наҳви ихтисор — ин масоилро тарҳ кунем ва албатта тафсили комили онҳоро дар ҷойи дигар зикр хоҳем кард. Муддаъиёни ислоҳи ахлоқи ҷинсӣ иддаъо мекунанд, ки ахлоқи куҳани ҷинсӣ иллатҳо ва асбоб ва сарчашмаҳое доштааст, ки акнун аз миён рафта ё дар ҳоли аз миён рафтан аст. Акнун, ки он иллатҳо дар кор нест, далел надорад, ки мо боз ҳам ин системи ахлоқиро, ки аҳёнан тавъам бо хушунат ҳам будааст, идома диҳем.

Ба илова, умуре, ки маншаи пайдоиши ин ахлоқ шуда ҷараёноте ҷоҳилона ва ё золимона будааст, ки бо озодӣ ва адолат ва ҳайсияти зотии инсонӣ мунофот дорад. Бинобар ин, ба хотири инсоният ва адолат ҳам, ки бошад, бояд бо ин ахлоқ мубориза кард.

Мегӯянд, ахлоқи куҳани ҷинсиро умури зайл ба вуҷуд овардааст: моликияти мард нисбат ба зан, ҳасодати мардон, кӯшиши мард барои итминон ба падарии худ, эътиқодоти муртозона ва роҳибона ба палидии зотии робитаи ҷинсӣ, эҳсоси палидии зан нисбат ба худ ба воситаи одати моҳонаи занона ва парҳези мард аз ӯ дар ин муддат, муҷозотҳои шадиде, ки зан дар тӯли торих аз ноҳияи мард дидааст, ва билохира авомили иқтисодӣ, ки занро ҳамвора ниёзманд ба мард мекардааст.

Ин иллатҳо ва асбоб – чунон ки возеҳ аст — ё решаи таъаддӣ ва ситамгарӣ дорад ва ё аз хурофот ношӣ шудааст ва шароити маҳдуди зиндагии он вақт чунин эҷоб мекардааст. Акнун, ки моликияти мард нисбат ба зан аз миён рафтааст, итминони падариро аз роҳи истифода аз доруҳои зидди обистанӣ — ки дар асари пешрафти тиб пайдо шуда — бидуни ба кор бурдани равишҳои хушунатомези қадим метавон ба даст овард, ақоиди муртозона ва роҳибона ба сӯйи завол ва нестӣ меравад, эҳсоси палидии одати занонаро бо боло бурдани сатҳи маълумот ва тафҳими ин ки як амали соддаи вазоифулаъзоӣ беш нест метавон аз байн бурд, даврони он муҷозотҳои сахт ва шадид ҳам дигар сипарӣ шудааст, авомили иқтисодӣ, ки занро асир мекард, дигар вуҷуд надорад ва зан имрӯз истиқлоли иқтисодии худро бозёфтааст, ба илова давлат тадриҷан дастгоҳҳои худро баст медиҳад ва занро дар айёми бордорӣ ва зоймон ва шир додан таҳти ҳимояти худ қарор медиҳад ва ӯро аз мард бениёз мекунад, ва дар ҳақиқат давлат ҷонишини падар мешавад, ҳасодатҳоро бо

тамринҳои ахлоқӣ бояд аз миён бурд. Бо вуҷуди инҳо, дигар лузуме надорад мо ҳамчунон ба ин ахлоқи куҳан бичаспем.

Ин аст интиқодот ва хӯрдагириҳое, ки бар ахлоқи куҳани ҷинсӣ гирифта мешавад ва ин аст далоиле, ки эҷоб мекунад ҳатман рефурме дар ин бахш аз ахлоқи башарӣ сурат гирад.

Акнун бибинем, чӣ маводде дар ин системи ахлоқӣ пешниҳод мешавад. Албатта аз аввал бояд таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки ҳамаи ин маводди ислоҳӣ бар меҳвари шикастани қайдҳои куҳан ва рафъи манъҳо ва маҳдудиятҳои қонунии гузашта мечархад.

Аввалин мавзӯе, ки мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифтааст, комёбии озодонаи занон ва мардон аз муоширатҳои лаззатбахши ҷинсӣ аст ва ба иборати дигар, озодии ишқ аст. Мегӯянд, зану мард на танҳо қабл аз издивоҷ бояд аз муоширатҳои лаззатбахши озодонаи ҷинсӣ баҳраманд бошанд, балки издивоҷ низ набояд монеъе дар ин роҳ ба шумор ояд, зеро фалсафаи издивоҷ ва интихоби ҳамсари қонунӣ, итминони падар аст ба падарии худ нисбат ба фарзанде, ки аз зани муайяне ба дунё меояд. Ин итминонро бо ба кор бастани доруҳои зидди обистанӣ — ки махсусан пешрафти тибби имрӯз онҳоро ба башар арзонӣ доштааст — метавон ба даст овард. Бинобар ин, ҳар як аз зану мард метавонанд илова бар ҳамсари қонунӣ, ушшоқу маъшуқаҳои фаровоне дошта бошанд. Зан мукаллаф аст, ки дар ҳини омезиш бо ушшоқи худ, аз доруи зидди обистанӣ истифода кунад ва монеи пайдоиши фарзанди ӯ гардад, вале ҳар гоҳ тасмим гирифт, ки соҳиби фарзанд гардад, илзоман бояд аз ҳамсари қонунии худ истифода кунад.

Кумунизми ҷинсӣ танҳо аз он назар қобили амал нест, ки робитаи наслиро миёни падарон ва фарзандон қатъ мекунад. Башар аз эътимоди наслӣ наметавонад сарфи назар кунад. Ҳар падаре мехоҳад фарзанди худро бишносад ва ҳар фарзанде мехоҳад бидонад аз кадом падар пайдо шудааст. Фалсафаи издивоҷ ва интихоби ҳамсари қонунӣ ҳамин асту бас. Ихтисоси ҷинсиро ба ҳамин андоза бояд маҳдуд кард ва бо таъмини робитаи наслӣ ба василаи фавқ, мӯҷибе барои таҳдиди (маҳдуд кардани) бештар вуҷуд надорад.

Бертронд Росел мегӯяд:

*“Ҷилавгирии васоил (васоили зидди обистанӣ) тавлиди наслро иродӣ карда ва онро аз сурати як натиҷаи иҷтинобнопазири равобити биюлужик (тавлиди қаҳрии фарзанд дар асари омезиш) берун овардааст. Ба далоили мутаъаддиди иқтисодӣ, ки дар фусули пеш шарҳ додем, мӯҳтамалан*

*падар барои тарбияти атфол, камтар аҳаммият хоҳад дошт. Бинобар ин, далеле нест, ки модаре барои падарии атфоли худ ҳамон мардеро интихоб кунад, ки хотирашро барои ошиқӣ ва рафоқат мехоҳад. Модари оянда мумкин аст шона аз зери ин таъаҳҳуд холӣ кунад бидуни он ки латмае ба саодати ӯ ворид шавад. Барои мардон интихоби модари атфоли худ аз ин ҳам осонтар ва соддатар хоҳад буд. Касоне, ки монанди ман мӯътақиданд, ки равобити ҷинсӣ фақат ҳангоме масъалаи иҷтимоӣ (ва қобили таҳдид) маҳсуб мешавад, ки тифле ба вуҷуд ояд, бояд мисли ман ин ду натиҷаро бигиранд: аввалан ишқ бидуни бачча озод аст, ва сониян эҷоди атфол бояд таҳти муқаррароте шадидтар аз он чӣ имрӯз ҳаст қарор гирад.” (Заношӯӣ ва ахлоқ, с.122*)

Росел баъдан ба ҳалли як мушкили иҷтимоии дигар низ мепардозад ва он мушкил беҳбуди нажоди башар аст. Мегӯяд:

*“Вақте равобити ҷинсӣ бар ин асос қарор гирифт, иҷтимоъ метавонад фақат ба занон ва мардони муайяне, ки аз лиҳози шахсӣ ва ирсӣ воҷиди шароите бошанд, иҷозаи тавлиди насл бидиҳад. Он зане, ки парвонаи тавлиди насл дорад, аз мардоне, ки аз лиҳози ирсӣ арҷаҳ (беҳтар) шинохта шаванд, барои тухмгирӣ ва тавлиди насл истифода мекунад, дар ҳоле ки мардони дигаре, ки ушшоқи хубе хоҳанд буд, аз ҳаққи падарӣ маҳрум хоҳанд буд.” (Ҳамон манбаъ, 123*)

Росел кам-кам ба гуфтаҳо ва пешниҳодҳои худ ҷанбаи ахлоқӣ низ медиҳад ва ба андарз ва мавъиза мепардозад. Чун мӯътақид аст, яке аз решаҳои ахлоқи ҷинсии куҳан ҳасодат аст, мардон ва занонро ба тарки ҳасодат тавсия мекунад. Мегӯяд:

*“Дар тариқе, ки ман пешниҳод мекунам, рост аст, ки завҷайнро аз вафодорӣ нисбат ба якдигар мубарро медорам, аммо дар иваз, таклифи душвори манкуб кардани ҳасодатро ба ӯҳдаашон мегузорам. Як зиндагии ҳушёрона бидуни тасаллут бар нафс, ғайримумкин аст. Дар ин сурат беҳтар аст як эҳсоси шадид ва музоҳимро чун ҳасодат таҳти интизом дароварем ва нагузорем монеи нумӯи умумии эҳсосоти ошиқона бишавад. Иштибоҳи ахлоқи қадимӣ дар он нест, ки куффи нафс (худдории нафс)-ро тавҷеҳ мекунад, балки дар он аст, ки дар мавриди истеъмоли он иштибоҳ менамояд.”*

Мақсуди Росел ин аст, ки қудамо аз лиҳози ахлоқӣ ба куффи нафс тавсия мекарданд, ман низ ба куффи нафс тавсия мекунам, аммо назари қудамо дар куффи нафс бар ин буд, ки ғаризаи ҷинсӣ маҳдуд гардад ва назари ман ба ин аст, ки ҷилави ҳасодат дар амри ҷинсӣ — ки номашро “ғайрат” гузоштаанд — гирифта шавад. Мардон он гоҳ, ки бо ишқбозиҳои

ҳамсарони худ мувоҷеҳ мешаванд ва эҳсоси нороҳатӣ мекунанд, бояд куффи нафс ва иғмоз кунанд, музоҳими онҳо нашаванд, балки аз он мардони бегона, ки ҳамсари маҳбуби онҳоро хушҳол ва масрур кардаанд, шукргузор бошанд. Ҳам ӯ мегӯяд:

*"Эҷоди фарзандон бояд фақат дар издивоҷ сурат гирад ва равобити берун аз издивоҷ ба васоили мухталиф хунсо гардад, ва шавҳарон ҳам нисбат ба ушшоқ ҳамон қадр ғамзи айн (чашмпӯшӣ) дошта бошанд, ки шарқиён нисбат ба ғуломони ахта доштанд. Ишколи асосии ин тариқ, итминони андаке аст, ки ба васоили зидди обистанӣ аз як тараф ва самимияти занон аз тарафи дигар (ки аз ушшоқи худ бордор нашаванд ва ба риши шавҳар набанданд) метавон дошт, аммо ин ишкол бо мурури замон коҳиш хоҳад ёфт."*

Рефурм ва ислоҳ ба ҳаминҷо хотима пайдо намекунад. Мавзӯъҳои дигаре назири сатри аврат, мамнӯияти издивоҷ бо маҳорим, нашри суратҳои қабеҳа, истимно, тамоюл ба ҳамҷинс, сиқти ҷанин, омезиш дар айёми одат ва амсоли инҳо низ мавриди баҳс қарор мегирад. Баъзе аз ин мавзӯъот аз қабили лузуми сатри аврат ва манъи нашри суратҳои ба истилоҳ қабеҳа сареҳан мавриди интиқод қарор гирифта ва баъзе дигар аз қабили истимно аз ҳавзаи ахлоқ хориҷ дониста шудааст ва дар қаламрави тиб ба шумор омадааст. Аҳёнан аз назари тиббӣ агар ғайримуҷоз шинохта мешавад, касе ки ба саломати худ алоқаманд аст онро тарк мекунад. Ба ҳар ҳол, наметавонад мамнӯияти ахлоқӣ дошта бошад.

Акнун навбати он аст, ки мо усули асосӣ ва аркони аслии ин системи ахлоқиро, ки қаблан баён кардем, дақиқан баррасӣ кунем, сипас фалсафаи ахлоқи ҷинсии исломиро, ки бо ахлоқи ҷинсии қадим ва ҷадиди ғарб муғойир аст тавзеҳ диҳем, то як бори дигар равшан шавад, ки ягона мактабе, ки салоҳияти раҳбарии башарро дорад ислом аст, ва ҳам равшан шавад, ки кори ғарб дар фалсафаи иҷтимоӣ ба ҳазёну парешонгӯӣ расидааст. Вақти он аст, ки ғарб монанди ҳамаи замонҳои дигар, бо ҳамаи тақаддуме, ки дар улум ва санойеъ дорад, фалсафаи зиндагиро аз шарқ биёмӯзад.

## Арзёбии усули системи навини ҷинсӣ (1)

Дар қисмати гузашта аз ин баҳс, усули ахлоқи ба истилоҳ навини ҷинсӣ ташреҳ шуд. Акнун навбати он аст, ки усул ва пояҳое, ки ин мактаб бар рӯйи онҳо бино шудааст, арзёбӣ намоем. Он усул иборат аст аз:

1. Озодии ҳар фарде мутлақан мӯҳтарам аст ва бояд маҳфуз бимонад, магар он ҷо, ки музоҳими озодии дигарон бошад. Ба иборати дигар, озодиро ҷуз озодӣ наметавонад маҳдуд кунад;

2. Саодати башар дар гарави парвариши истеъдодҳоест, ки дар ниҳод дорад. Худпарастиҳо ва нороҳатиҳои руҳӣ ношӣ аз ошуфтагии ғароиз ва бахусус ғаризаи ҷинсӣ аст, ва ошуфтагии ғароиз аз адами ирзо ва ишбоъи онҳо ношӣ мегардад;

3. Оташи майл ва рағбати башар дар асари манъ ва маҳдудият фузунӣ мегирад ва муштаъилтар мегардад ва дар асари ирзо ва ишбоъ коҳиш меёбад ва ором мегирад. Барои инсирофи башар аз таваҷҷӯҳи доим ба умури ҷинсӣ ва ҷилавгирӣ аз аворизи ношӣ аз он, роҳи саҳеҳ ин аст, ки ҳар гуна қайд ва мамнӯиятеро дар ин роҳ аз ҷилави пояш бардорем.

Чунон ки мулоҳиза мешавад, асли аввал аз усули боло, фалсафӣ ва асли дуввум тарбиятӣ ва асли севвум равонӣ аст. Ин се аслро мо аз маҷмӯи гуфтаҳо ва назароти тарафдорони ин системи ахлоқӣ истинбот мекунем, вагарна ҳеч кадом аз онон ба ин тартиб ва тафсил усули системи ахлоқии худро баён накардаанд.

**Асли озодӣ**

Тарафдорони ин системи ахлоқӣ аз он ҷиҳат ба ин асл — ки такягоҳ ва асоси аслии ҳуқуқи фардӣ ба шумор рафта — такя кардаанд, ки ба гумони онҳо ин силсиламасоил фоқиди ҷанбаи иҷтимоӣ мебошад, зеро ба ақидаи онҳо, озодии ҷинсии як фард ба ҳуқуқи дигарон зарба намезанад; фақат онҷо, ки пойи фарзанд ва итминони падарӣ ва фарзандӣ ба миён меояд, ҳаққи шавҳар пайдо мешавад ва лозим мегардад, ки зан аз бордор шудан аз ғайри шавҳари қонунии худ худдорӣ кунад, ва то замоне ки васоили зидди обистанӣ дар кор набуд, лозим буд барои сиёнати ин ҳаққи мард, зан ифоф ва тақворо риоят кунад, то нисбат ба шавҳари худ вафодор бимонад, акнун бо васоили мавҷуд чунин зарурате дар кор нест.

Бинобар ин, дар инҷо дар бораи ду қисмат бояд таҳқиқ шавад: яке ин ки: озодиро ҷуз озодии дигарон ва лузуми риояти онҳо наметавонад маҳдуд кунад. Дигар ин ки: равобити

ҷинсӣ аз ноҳияи итминони падару фарзандӣ, бо иҷтимоъ ва зиндагии умумӣ ва ҳуқуқи иҷтимоӣ иртибот надорад.

**Аммо қисмати аввал**: Бояд бибинем, он чизе, ки озодиро ба истилоҳ ҳаққи мусаллами башар қарор медиҳад, чист? Бар хилофи тасаввури бисёре аз фалосифаи ғарб, он чизе, ки мабно ва асоси ҳаққи озодӣ ва лузуми риоят ва эҳтироми он мегардад, майл ва ҳаво ва иродаи фард нест, балки истеъдоде аст, ки офариниш барои сайри мадориҷи тараққӣ ва такомул ба вай додааст. Иродаи башар то онҷо мӯҳтарам аст, ки бо истеъдодҳои олӣ ва муқаддасе, ки дар ниҳоди башар аст, ҳамоҳанг бошад ва ӯро дар масири тараққӣ ва таъолӣ бикашонад, аммо онҷо, ки башарро ба сӯйи фано ва нестӣ савқ медиҳад ва истеъдодҳои ниҳониро ба ҳадар медиҳад, эҳтироме наметавонад дошта бошад. Мо дар оянда иншоаллоҳ мустақиллан ва ба таври тафсил таҳти унвони “Инсон ва озодӣ” масъалаи озодиро тарҳ хоҳем кард.

Инҷо ҳамин қадр ёдоварӣ мекунем, ки бисёр иштибоҳ аст агар хиёл кунем маънои ин ки “инсон озод офарида шуда” ин аст, ки ба ӯ майл ва хост ва ирода дода шудааст ва ин майл бояд мӯҳтарам шинохта шавад, магар онҷо, ки бо майлҳо ва хостҳои дигарон мувоҷеҳ ва муъориз шавад ва озодии майлҳои дигаронро ба хатар андозад.

Мо собит мекунем, ки илова бар озодиҳо ва ҳуқуқи дигарон, масолеҳи олияи худи фард низ метавонад озодии ӯро маҳдуд кунад.

Бузургтарин тешае, ки ба решаи ахлоқ зада шуда, ба номи озодӣ ва аз роҳи ҳамин тафсири ғалате аст, ки аз озодӣ шудааст.

Вақте ки аз оқои Росел суол мешавад: “Оё худро ба ҳеч як аз системҳои ахлоқӣ муқайяд медонед?”, ҷавоб медиҳад:

*“Оре, вале ҷудо сохтани ахлоқ аз сиёсат кори бисёр душворе аст. Ба ақидаи ман, илми ахлоқ боистӣ бад-ин тариқ арза шавад: фарз кунед, Зайде бихоҳад фалон амалро, ки барои худаш муфид буда ва дар айни ҳол ба ҳамсоягонаш зиён мерасонад, анҷом бидиҳад. Агар Зайд бад-ин тариқ барои ҳамсоягони худ эҷоди музоҳимат кунад, онон гирди ҳам ҷамъ шуда ва хоҳанд гуфт: “Мо ба ҳеч ваҷҳ мувофиқ нестем, бояд коре кард, ки ӯ суистифода накунад.” Бинобар ин, мулоҳиза мешавад, ки кори мо ба як амри ҷиноӣ махтум мегардад, ва ин қазия комилан мантиқӣ ва ақлонӣ аст.*

*Равиши ахлоқии ман иборат аз эҷоди ҳамоҳангӣ байни манофеи умумӣ ва хусусии афроди иҷтимоъ мебошад." (Ҷаҳоне, ки ман мешиносам, с.64-65*)

Ин равиши ахлоқӣ, аз лиҳози амалӣ будан, камтар аз мадинаи фозилаи Афлотун нест. Оқои Росел дар ахлоқ муқаддасотеро ба расмият намешиносад. Маъонӣ ва мафоҳиме, ки инсон онҳоро бартар аз манофеи моддии шахси худ бидонад ва ба хотири онҳо майл ва хост ва иродаи худро маҳдуд кунад суроғ надорад. Ахлоқеро, ки мубтанӣ бар чунин маъонӣ ва мафоҳим бошад, ахлоқи "тобу" мехонад. Ягона чизеро, ки муқаддас мешуморад, озодии хост ва ирода ва майл аст. Озодии ирода ва майлро фақат бо мувоҷеҳ шудан бо майл ва иродаи дигарон дар ҷиҳати муқобил қобили таҳдид (маҳдуд шудан) медонад. Он гоҳ гирифтори ин бунбаст мешавад, ки дар ин сурат чӣ қудрате метавонад озодии шахсро маҳдуд кунад ва ӯро дар муқобили озодиҳои дигарон водор ба таслим ва эҳтиром намояд? Мегӯяд: қудрати манъ ва ҷилавгирии дигарон. Мегӯяд: ман, ки ба хотири манофеи худам мехоҳам манофеи дигаронро ба хатар андозам, онҳо ба хотири манофеи худашон бо якдигар иттифоқ хоҳанд кард ва ҷилави маро хоҳанд гирифт ва ман ночор таслим хоҳам шуд ва иҷборан манофеи хусусии худро бо манофеи умумӣ ҳамоҳанг хоҳам кард.

Оқои Росел мехоҳад бо ин баён, манофеи хусусиро ҳофиз ва нигаҳдори ҳуқуқи умумӣ муаррифӣ кунад. Ҳамин ҷост, ки ақим будани фалсафаи ахлоқии ӯ равшан мегардад.

Бадеҳӣ аст агар фарз кунем, ҳамеша афроди иҷтимоъ ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ дорои қудрат ва ҳамеша афрод ва гурӯҳҳо омодаи иттифоқ ва иттиҳод алайҳи мутаҷовиз мебошанд ва ҳамеша як фард, ки дорои қудрати камтаре аст тасмим мегирад алайҳи манофеи аксарият гом бардорад, албатта дар ин сурат фарзияи оқои Росел дуруст аз об дархоҳад омад. Аммо оё ҳамеша афрод ва гурӯҳҳо дорои қудрати мусовӣ ҳастанд? Оё ҳамеша касоне, ки мавриди таҷовуз қарор мегиранд, омодаи иттифоқ ва иттиҳоданд? Оё ҳамеша фард алайҳи манофеи аксарият тасмим мегирад? Мутаҷовиз то ба зӯру қудрати худ эътимод надошта бошад, даст ба таҷовуз намезанад.

Ахлоқе, ки оқои Росел пешниҳод мекунад, қодир аст танҳо ба заъифон тавсия кунад, ки аз зӯри нерӯмандон битарсанд ва ба ҳуқуқи онҳо таҷовуз накунанд, аммо қодир нест зӯрмандонеро, ки алайҳи нотавонон иттифоқ мекунанд ва итминон доранд, ки метавонанд эътирози ононро бо қувваи қаҳрия посух диҳанд, ба тарки таҷовуз тавсия кунад. Чун тибқи

ин фалсафа, амали онҳо зиддиахлоқӣ нест, зеро онҳо зарурате намебинанд, ки манофеи хусусии худро бо манофеи умумӣ ҳамоҳанг кунанд. Ин фалсафаи ахлоқӣ беҳтарин тавҷеҳкунандаи ҳаққи зӯргӯӣ ва диктотурӣ аст.

Аҷиб ин аст, ки оқои Росел шиори худро дар ҳамаи умр озодихоҳӣ ва ҳимоят аз ҳуқуқи нотавонон қарор додааст. Аммо фалсафае, ки барои ахлоқ сохтааст, пояҳои диктотуриро истеҳком мебахшад. Дар фалосифаи ғарб аз ин намунаҳо боз ҳам ҳаст, ки файласуфе фалсафааш як ҷур ҳукм мекунад ва шиори зиндагиаш тачри дигар.

* * *

**Аммо қисмати дуввум**: Ин қисмат марбут ба ин аст, ки издивоҷ ва ташкили иҷтимои хонаводагӣ то чӣ ҳадд ҷанбаи фардӣ ва хусусӣ дорад ва то чӣ ҳадд ҷанбаи умумӣ ва иҷтимоӣ. Бидуни шак дар издивоҷ таматтуъи (баҳрамандии) шахсӣ ва масаррати фардӣ вуҷуд дорад. Ангезаи афрод дар интихоби ҳамсар, баҳраманд шудан аз масаррат ва лаззати бештари зиндагӣ аст.

Акнун бояд бибинем, оё аз он назар, ки ду фард ба номи зану шавҳар мехоҳанд зиндагии муштарак ва мақрун ба хушӣ ва масаррате ташкил диҳанд ва аз шириниҳои зиндагӣ баҳраманд гарданд, беҳтар ва оқилонатар ин аст, ки конуни хонаводагиро конуни хушиҳо ва комёбиҳои ҷинсӣ қарор диҳанд ва ҳаддиаксари саъйи худро барои лаззатбахш намудани ин конун сарф кунанд ва аммо иҷтимои берун (иҷтимои бузург) муҳити кор ва фаъолият ва бархӯрдҳои дигар бошад? Ё беҳтар ин аст, ки лазоиз ва комёбиҳои ҷинсӣ аз муҳити хонаводагӣ ба иҷтимои бузург кашида шавад, кӯча ва хиёбон ва мағозаҳо ва муҳитҳои идорӣ ва бошгоҳҳо ва тафреҳгоҳҳои умумӣ ҳамаҷо омодаи анвоъи комёбиҳои ҷинсии назарӣ ва ламсӣ ва ғайра буда бошад?

Ислом тариқи аввалро тавсия кардааст. Ислом исрори фаровоне дорад, ки муҳити хонаводагӣ омодагии комил барои комёбии зану шавҳар аз якдигар дошта бошад. Зан ё марде, ки аз ин назар кӯтоҳӣ кунад, мавриди накӯҳиши сареҳи ислом қарор гирифтааст. Ислом исрори фаровоне ба харҷ дода, ки муҳити иҷтимоии бузург муҳити кор ва амал ва фаъолият буда ва аз ҳар навъ комёбии ҷинсӣ дар он муҳит худдорӣ шавад. Фалсафаи таҳрими назарбозӣ ва таматтуъоти (баҳрамандиҳои) ҷинсӣ аз ғайри ҳамсари қонунӣ, ва ҳам фалсафаи ҳурмати худоройӣ ва табарруҷи зан барои бегона, ҳамин аст.

Кишварҳои ғарбӣ, ки мо акнун кӯр-кӯрона аз онҳо пайравӣ мекунем, роҳи дуввумро интихоб кардаанд. Кишварҳои ғарбӣ дар интиқол додани комёбиҳои ҷинсӣ аз конуни хонаводагӣ ба муҳити иҷтимоӣ бедод кардаанд ва ҷаримаашро ҳам медиҳанд. Фарёди мутафаккиронашон баланд аст. Онҳо вақте ки мебинанд бархе кишварҳои кумунистӣ ҷилави ин корҳоро гирифта ва монеи ҳадар додани нерӯҳои ҷавонон дар иҷтимоъ шудаанд, ба чашми ғибта ба онҳо менигаранд.

Агар зиндагӣ ва хушӣ ва масаррат дар зиндагиро мусовӣ бо эъмоли шаҳват бидонем ва чунин фарз кунем, ки ҳар кас бештар мехӯрад ва мехобад ва амали омезиш анҷом медиҳад, ӯ аз масаррат ва хушии бештаре баҳраманд аст, ва ба иборати дигар, агар истеъдодҳои баҳҷатзои инсонӣ ва мӯҷиботи нороҳатиҳои ӯро маҳдуд бидонем ба он чӣ ҳайвонот доранд, албатта интиқоли комёбиҳои ҷинсӣ аз конуни хонаводагӣ ба иҷтимои бузург лаззат ва масаррати бештаре хоҳад дошт.

Аммо агар битавонем тасаввур кунем, ки иттиҳоди руҳи зану шавҳар ва авотифи самимонае, ки аҳёнан то охирин рӯзҳои пирӣ, ки ғаризаи ҷинсӣ фаъолияте надорад боқӣ аст, барои зиндагӣ арзиши бештар ва болотаре дорад, агар битавонем тасаввур кунем, ки лаззате, ки як мард аз мусоҳибати ҳамсари машрӯъ ва вафодораш (мебарад), бо лаззате, ки аз мусоҳибати як зани бегона мебарад тафовут дорад, кучактарин тардиде дар ин ҷиҳат нахоҳем кард, ки ба хотири баҳраманд шудан аз масаррати бештар ва оромиши бештар, лозим аст авотифи ҷинсии афродро маҳдуд ба ҳамсари қонунӣ кард ва муҳит ва конуни хонаводагиро ба ин кор, ва иҷтимоии бузургро ба кор ва фаъолият ихтисос диҳем.

Матлаби муҳимтар, ҷанбаҳои иҷтимоии масъалаи издивоҷ аст. (Издивоҷ) танҳо барои ин нест, ки зану мард аз мусоҳибати якдигар лаззати бештаре бибаранд. Издивоҷ ва ташкили конуни хонаводагӣ эҷоди конуни пазироии насли оянда аст. Саодати наслҳои оянда бастагии комил дорад ба вазъи иҷтимоии хонаводагӣ. Дасти тавонои хилқат барои эҷод ва бақо ва тарбияти наслҳои оянда алоиқи нерӯманди зану шавҳариро аз як тараф ва алоиқи падару фарзандиро аз тарафи дигар ба вуҷуд овардааст. Авотифи иҷтимоӣ ва инсонӣ дар муҳити хонаводагӣ рушд мекунанд. Руҳи кӯдакро ҳарорати муҳити фитрӣ ва табиии чанд сад дараҷаии падару модар нарм ва мулоим мекунад.

Мо вақте ки мехоҳем авотифи ду нафарро нисбат ба якдигар таҳрик кунем, мегӯем, афроди як миллат бародари якдигаранд, ё мегӯем, афроди башар ҳама бародари якдигар ва узви як хонавода ҳастанд. Қуръони Карим авотифи поки имонии мӯъминонро ба авотифи бародарӣ ташбеҳ мекунад:

**إِنَّمَا اَلْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ**

(*Мӯъминон бародари якдигаранд*) Авотифи бародарӣ танҳо аз хешовандӣ ва ҳамхунӣ пайдо намешавад. Умда ин аст, ки ду бародар дар як конуни муҳаббат бузург мешаванд. Ростӣ агар авотифи бародарӣ, ки ношӣ аз конуни босафо ва пурмеҳри хонаводагӣ аст аз миён биравад, оё афроди иҷтимоъ метавонанд кучактарин авотифе нисбат ба якдигар дошта бошанд?

Мегӯянд, дар Урупо то ҳудуди зиёде адолат ҳаст, аммо авотиф бисёр кам аст. Ҳатто дар миёни бародарон ва падарон ва фарзандон авотифи каме мушоҳида мешавад, бар хилофи мардуми Машриқзамин. Чаро? Барои ин ки ин гуна авотиф дар конунҳои босафо ва самимӣ ва пурмеҳри хонаводагӣ рушд мекунад, аммо дар Урупо чунин сафо ва самимият ва ваҳдат ва ягонагӣ миёни занон ва шавҳарон вуҷуд надорад. Чаро ин ягонагӣ, ки маъмулан дар Машриқзамин миёни занону шавҳарон вуҷуд дорад, дар онҷо вуҷуд надорад? Барои ин ки дар онҷо авотифи ҷинсии зану мард ба якдигар ихтисос надорад. Ҳар кадом ба таври номаҳдуд метавонанд лоақал аз таматтуъоти назарӣ ва ламсӣ дар иҷтимои бузург баҳраманд шаванд.

**Арзёбии усули системи навини ҷинсӣ (2)**

Асли “озодӣ”, ки пояи фалсафии ахлоқи ба истилоҳ навини ҷинсӣ аст, ба таври иҷмол дар сафаҳоти қабл мавриди баҳс қарор гирифт. Дар инҷо мехоҳем асли “лузуми парвариши истеъдодҳои табиии инсон”-ро, ки пояи тарбиятии ин системи ахлоқӣ аст, баррасӣ кунем. Пас аз он албатта ба баррасии пояи равонии он хоҳем пардохт.

Ба истиноди асли “лузуми парвариши истеъдодҳо” гуфта мешавад, ки тарбияти саодатмандона барои фард ва муфид ба ҳоли иҷтимоъ он аст, ки сабаб гардад истеъдодҳои фитрӣ ва табиии башар бурузу зуҳур кунад ва шукуфон ва борвар гардад.

Шукуфон шудани истеъдодҳо илова бар ин ки мӯҷиби масаррати хотир ва нишоти комили фард мегардад, таъодули руҳии ӯро ҳифз мекунад ва ӯро ором нигаҳ медорад ва дар натиҷа иҷтимоъ низ аз ӯ осоиш мебинад, бар хилофи ҷилавгирӣ ва таҳти фишор қарор додани онҳо, ки мӯҷиби ҳазорон нороҳатӣ ва изтироб ва ҷиноят ва инҳироф мегардад.

Гуфта мешавад, ахлоқи ҷинсии куҳан ба далели ин ки монеи рушд ва шукуфон шудани як истеъдоди комили табиӣ ва фитрӣ — яъне ғаризаи ҷинсӣ ё ғаризаи ба истилоҳ “ишқ” аст ва ишқро хабис медонад — маҳкум аст. Ахлоқи нав ба далели он ки ишқро озод ва мӯҳтарам мешуморад ва бо мӯҷиботи рушд ва тақвияти он ба мубориза барнамехезад, мазият ва руҷҳон дорад.

Мо барои ин ки баррасии комил аз ин асл карда бошем, лозим аст матолиби зайлро расидагӣ кунем:

1. Оё ахлоқи исломӣ бо рушди табиии истеъдодҳо мубойин аст?

2. Куштани нафс яъне чӣ?

3. Ахлоқи навини ҷинсӣ бузургтарин омили ошуфтагии ғароиз ва монеи рушди табиии истеъдодҳост;

4. Демукросӣ дар ахлоқ;

5. Муқоисаи ахлоқии ҷинсӣ бо ахлоқи иқтисодӣ ва ахлоқи сиёсӣ;

6. Маҳҷурӣ ва муштоқӣ;

7. Рушди шахсият аз назари ғаризаи ишқ;

* * *

**Оё ахлоқи исломӣ бо рушди табиии истеъдодҳо мубойин аст?**

Инки мегӯянд, истеъдодҳои табииро бояд парваронд ва набояд аз он ҷилавгирӣ кард, мавриди қабули мост. Агар дигарон фақат аз роҳи осори неке, ки дар парвариши истеъдодҳо ва осори баде, ки дар манъ ва ҷилавгирӣ аз парвариши онҳо дидаанд ба лузуми ин кор тавсия мекунанд, мо илова бар ин роҳ, аз роҳи дигар — ки ба истилоҳ бурҳони "лиммӣ" аст — бар ин муддаъо истидлол мекунем.

Мо мегӯем, Худованд на узве аз аъзои ҷисмониро беҳуда офаридааст ва на истеъдоде аз истеъдодҳои руҳиро. Ва ҳамон тавре ки ҳамаи аъзои баданро бояд ҳифз кард ва ба онҳо ғизои лозим бояд расонд, истеъдодҳои руҳиро низ бояд забт кард ва ба онҳо ғизои кофӣ дод, то сабаби рушди онҳо шавад.

Мо фаразан аз роҳи осор ба лузуми парвариши истеъдодҳо ва адами ҷилавгирӣ аз онҳо пай набурда будем, Худошиносӣ моро ба ин асл ҳидоят мекард. Ҳамчунон ки мебинем, дар сад соли пеш, ки ҳанӯз дуруст ба осори неки парварондани истеъдодҳо ва осори бади тарки парвариши он пай набурда буданд, донишмандоне ба ҳамин далел ба ҳифзи аъзои бадан ва мӯҳмал нагузоштани қувваҳои нафсонӣ тавсия мекарданд.

Пас, дар асар (ва) лузуми парварондани истеъдодҳо ба таври куллӣ ҷойи тардид нест, балки мафҳуми луғати "тарбият", ки аз қадим барои ин мақсуд интихоб шудааст, ҳамин маъниро мерасонад. Луғати "тарбият" мафҳуме ҷуз парварондан надорад. Бинобар ин, баҳс дар ин нест, ки оё бояд истеъдодҳоро парвариш дод ё на?

Баҳс дар ин аст, ки роҳи саҳеҳи парвариши табиии истеъдодҳои башар, ки ба ҳеч навъ ошуфтагӣ ва беназмӣ ва ихтилол мунҷар нашавад чист?

Мо собит мекунем, ки рушди табиии истеъдодҳо ва аз он ҷумла истеъдоди ҷинсӣ, танҳо бо риояти муқаррароти исломӣ муяссар аст ва инҳироф аз он, сабаби ошуфтагӣ ва беназмӣ ва ҳатто саркӯбӣ ва захмхӯрдагии ин истеъдод мегардад. Акнун лозим аст назаре ба мантиқи ислом дар заминаи ахлоқ ва тарбият ба таври куллӣ ва иҷмол биафканем.

Бархе кӯтаҳназарон мепиндоранд, ки ахлоқ ва тарбияти исломӣ бо рушди табиии истеъдодҳо мубойин аст ва бар асоси ҷилавгирӣ ва манъи онҳо бино шудааст. Инон таъбироти исломиро дар заминаи таҳзиб ва ислоҳи нафс баҳона ва мустамсак қарор додаанд. Дар Қуръони Карим пас аз чандин савганд, ба сурати муаккад мефармояд:

قَدْ أَفْلَحَ مَنْ زَكَّاها

Яъне ба ҳақиқат растгор шуд он кас, ки нафси хешро покиза кард. (*Сураи Шамс, ояти 9*)

Аз ин ҷумла фаҳмида мешавад, ки аввалан Қуръони Карим олуда шудани замири инсонро мумкин мешуморад, ва соният, покиза кардани замирро аз он олудагиҳо дар ихтиёри худи шахс медонад, ва солисан, онро лозим ва воҷиб мешуморад ва саодат ва растгориро дар гарави он медонад.

Ин се матлаб ҳеч кадом қобили инкор нест. Ҳеч мактаб ва равише нест, ки навъе олудагиро дар равон ва замири инсон мумкин нашуморад ва ба покиза кардани равон аз он олудагӣ тавсия накунад. Замири инсон монанди таркиботи бадании ӯ ихтилолпазир аст. Инсон он андоза, ки аз ноҳияи шахси худ дар асари олудагиҳо ва ихтилолоти руҳӣ озор мебинад, аз ноҳияи табиат ё инсонҳои дигар озор намебинад. Аз ин рӯ, растгории инсон бидуни покӣ ва таъодули равонӣ муяссар нест. Дар он чӣ марбут ба ин таъбири қуръонӣ аст ҷойи шубҳа намебошад.

Дар Қуръони Карим таъбири дигаре ҳаст, ки нафси инсонро бо сифати “амморатун биссуъ” (фармондиҳанда ба шарр) тавсиф мекунад. Ин таъбир ин пурсишро пеш меоварад, ки оё аз назари Қуръони Карим табиати нафсонии инсон ши····рир аст? (Агар Қуръон аз ҷанбаи фалсафаи назарӣ, табиати нафсонии инсонро зотан шиpрир медонад, ночор дар фалсафаи амалӣ роҳе, ки интихоб мекунад ин аст, ки парварондан ва рушд додани ин мавҷуди шиpрири биззот хатост; бояд онро ҳамвора заъиф ва нотавон ва таҳти фишор ва заҷр қарор дод ва монеи зуҳуру буруз ва фаъолияти вай шуд ва аҳёнан онро бояд аз миён бурд), ё аз назари Қуръони Карим табиати нафсонӣ шиpрири биззот нест, балки дар ҳолоти хоссе ва ба сабаби аворизе, сар ба туғён ва шарорат бармедорад? Яъне Қуръон аз ҷанбаи фалсафаи назарӣ, ба табиати нафсонӣ бадбин нест ва онро маншаи шурур намедонад ва қаҳран дар фалсафаи амалӣ роҳе, ки интихоб мекунад, нобуд кардан ё заъиф нигаҳ доштан ва мӯҷиботи туғён фароҳам кардан нест.

Дар ин сурат, пурсиши дуввум пеш меояд. Ва он ин ки: чӣ чизҳое сабаби туғён ва изтироб ва саркашии қувваҳои нафсонӣ мегардад ва аз чӣ роҳе метавон онро ором кард ва ба эътидол баргардонд?

Мо ба ҳар ду пурсиш посух медиҳем.

Кӯтаҳназарон ҳамин қадр, ки дидаанд ислом нафсро ба унвони “фармондеҳи шарорат” ёд кардааст, кофӣ донистаанд, ки ахлоқ ва тарбияти исломиро муттаҳам кунанд ба ин ки ба чашми бадбинӣ ба истеъдодҳои фитрӣ ва манобеи табиии вуҷуди одамӣ менигарад ва табиати нафсониро ширрири биззот ва парварондани онро хато мешуморад.

Вале ин тасаввур хатост. Ислом агар дар якҷо нафсро бо сифати “амморатун биссуъ” ёд кардааст, дар ҷойи дигар бо сифати “аннафсул-лаввома” яъне маломаткунандаи худ нисбат ба иртикоби шарорат, ва дар ҷойи дигар бо сифати “аннафсул-мутмаинна” яъне оромгиранда ва ба ҳадди камолрасида ёд мекунад.

Аз маҷмӯи инҳо фаҳмида мешавад, ки аз назари Қуръони Карим табиати нафсонии инсон мароҳили мухталифе метавонад дошта бошад. Дар як марҳила ба шарорат фармон медиҳад, дар марҳилаи дигар аз шарре, ки муртакиб шудааст нороҳат мешавад ва худро маломат мекунад, дар мақом ва марҳилаи дигар ором мегирад ва гирди шарру бадӣ намегардад.

Пас, ислом дар фалсафаи назарии худ табиати нафсонии инсонро ширрири биззот намедонад ва қаҳран дар фалсафаи амалии худ низ монанди системҳои фалсафӣ ва тарбиятии ҳиндӣ ё калбӣ ё монавӣ ё масеҳӣ, аз равиши нобуд кардани қувваҳои нафсонӣ ва ё лоақал ҳабс бо аъмоли шоққаи онҳо пайравӣ намекунад, ҳамчунон ки дастурҳои амалии ислом низ шоҳиди ин муддаъост.

Ин матлаб, ки нафси инсон дар мақомот ва мароҳил ва шароити хоссе башарро воқеан ба шарорат фармон медиҳад ва ҳолати хатарноке пайдо мекунад, матлабе аст, ки агар дар қадим андаке ибҳом дошт, имрӯз дар асари пешрафтҳои илмӣ дар заминаи равонӣ комилан мусаллам шудааст. Аз ҳама шигифттар ин аст, ки Қуръони Карим дар тавсифи нафс намегӯяд: “доъиятун биссуъ” (даъваткунанда ба сӯйи бадӣ ва шарр, балки) мегӯяд: “амморатун биссуъ” (фармондиҳанда ба бадӣ ва шарр). Қуръони Карим дар ин таъбири худ ин матлабро мехоҳад бифаҳмонад, ки эҳсосоти нафсонии башар он гоҳ, ки сар ба туғён бармеоварад, башарро танҳо ба сӯйи ҷиноят ва аъмоли инҳирофӣ даъват намекунад, балки монанди як қудрати ҷобири мусаллати диктотур фармон медиҳад. Қуръон бо ин таъбир, тасаллут ва истилои ҷобиронаи қувваҳои нафсониро дар ҳоли туғён бар ҳамаи истеъдодҳои

олии инсонӣ мефаҳмонад, ва ин розе аст, ки (то) давронҳои ахири равоншиносӣ кашф нашуда буд.

Имрӯз собит шуда, ки эҳсосоти мунҳариф аҳёнан ба тарзи мармузе бар дастгоҳи идроки башар фармон меронад ва мустабиддона ҳукумат мекунад ва дастгоҳи идрокӣ ноогоҳона фармонҳои онро иҷро мекунад.

Аммо посухи пурсиши дуввум, ки чӣ чизҳое мӯҷиби туғён ва ошуфтагӣ ва чӣ чизе сабаби оромиш ва таъодули руҳи мегардад?, мо посухи ин пурсишро он гоҳ, ки дар атрофи пояи севвуми ахлоқи навини ҷинсӣ — ки пояи равонӣ аст — баҳс мекунем зикр хоҳем кард.

**Куштани нафс яъне чӣ?**

Як пурсиши дигар боқӣ аст ва он ин ки: агар аз назари ахлоқи исломӣ истеъдодҳои табиӣ набояд нобуд шавад, пас таъбир ба "нафс куштан" ё "мирондани нафс", ки аҳёнан дар таъбироти динӣ ва бештар дар таъбироти муаллимони ахлоқи исломӣ ва бахусус дар таъбироти орифмашрабони исломӣ омадааст, чӣ маънӣ ва чӣ мафҳуме дорад?

Посухи ин пурсиш аз он чӣ қаблан гуфтем равшан шуд. Ислом намегӯяд, табиати нафсонӣ ва истеъдодҳои фитрии табииро бояд нобуд сохт, ислом мегӯяд, "нафси аммора"-ро бояд нобуд кард. Ҳамчунон ки гуфтем, нафси аммора намояндаи ихтилол ва баҳамхӯрдагӣ ва навъе туғён ва саркашӣ аст, ки дар замири инсон ба иллатҳои хоссе рух медиҳад. Куштани нафси аммора маънои хомӯш кардан ва фурӯ нишондани фитна ва туғёнро дар заминаи қувваҳо ва истеъдодҳои нафсонӣ медиҳад. Фарқ аст миёни хомӯш кардани фитна ва нобуд кардани қувваҳое, ки сабаби фитна мегарданд. Хомӯш кардани фитна, чӣ дар фитнаҳои иҷтимоӣ ва чӣ дар фитнаҳои равонӣ, мусталзими нобуд кардани афрод ва қувваҳое, ки сабаби ошӯб ва фитна шудаанд нест, балки мусталзими ин аст, ки авомиле, ки он афрод ва қувваҳоро водор ба фитна кардааст, аз байн бурда шавад. Баъдан хоҳем гуфт, ки ин навъ мирондан гоҳе ба ишбоъ ва ирзои нафс ҳосил мешавад ва гоҳе ба мухолифат бо он.

Ин нукта бояд изофа шавад, ки дар таъбироти динӣ, мо ҳаргиз калимае, ки ба маънои "нафс куштан" бошад пайдо намекунем. Таъбироте, ки ҳаст — ки албатта аз ду се маврид таҷовуз намекунад — ба сурати "мирондани нафс" аст.

**Ошуфтаги ғароиз ва майлҳо**

Масоилро якҷониба дидан ва аз ҷавониби дигар ғафлат кардан, гоҳе зиёнҳои ҷуброннопазире ба дунболи худ меоварад. Ковишҳо ва кашфиёти равонӣ дар як қарни ахир собит кард, ки саркӯби ғароиз ва тамоюлот ва бахусус ғаризаи ҷинсӣ, мазаррот ва нороҳатиҳои фаровоне ба бор меоварад. Маълум шуд асле, ки мавриди қабули шояд аксарияти муфаккирони қадим буд (мабнӣ бар) ки ҳар андоза ғароиз ва тамоюлоти табиӣ заъифтар нигаҳ дошта шаванд, майдон барои ғароиз ва нерӯҳои олитар махсусан қувваи оқила бозтар ва бемонеътар мешавад, асосе надорад. Ғароизи саркӯбшуда ва ирзонашуда, пинҳон аз шуъури зоҳир, ҷараёнотеро тай мекунанд, ки чӣ аз назари фардӣ ва чӣ аз назари иҷтимоӣ фавқулъода барои башар гарон тамом мешавад. Ва барои ин ки тамоюлот ва ғароизи табиӣ беҳтар таҳти ҳукумати ақл воқеъ шаванд ва осори тахрибӣ ба бор наоваранд, бояд то ҳадди имкон аз саркӯб шудан ва захмхӯрдагӣ ва ирзо нашудани онҳо ҷилавгирӣ кард.

Равоншиносон решаи бисёре аз аворизи нороҳаткунандаи асабӣ ва бемориҳои равонӣ ва иҷтимоиро эҳсоси маҳрумият хусусан дар заминаи умури ҷинсӣ ташхис доданд. Собит карданд, ки маҳрумиятҳо мабдаи ташкили уқдаҳо, ва уқдаҳо аҳёнан ба сурати сифоти хатарнок монанди майл ба зулм ва ҷиноят, кибр, ҳасодат, инзиво ва гӯшагирӣ, бадбинӣ ва ғайра таҷаллӣ мекунад.

Асли боло дар мавзӯи зиёнҳои саркӯб кардани ғароиз, аз навъи кашфиёти фавқулъода боарзиши равонӣ аст ва дар радифи арзандатарин муваффақиятҳои башар аст.

Мардум ғолибан ба воситаи унс ба маҳсусот ва ошноии бештар бо онҳо, барои кашфиёте арзиши зиёд қоил мешаванд, ки дар заминаи умури фаннӣ ва санъатӣ ва истиҳдоми қувваҳои табиати беҷон сурат гирифта бошад, аммо кашфиёте, ки дар заминаи масоили равонӣ ва руҳӣ сурат мегирад, камтар мавриди таваҷҷӯҳи оммаи мардум метавонад қарор бигирад, вале аз назари мардуми донишманд ва огоҳ аҳаммияти матлаб маҳфуз аст.

Ҳарчанд каму беш дар ҳикматҳое, ки аз гузаштагон ба ёдгор монда ва бахусус дар осори исломӣ нишонаҳои зиёде аз таваҷҷӯҳ ба ин ҳақиқат дида мешавад ва амалан бисёре аз муаллимон ва мураббиёни ахлоқ аз он истифода мекардаанд, аммо ба таври мусаллам

исботи илмии ин ҳақиқат ва кашфи қавонини марбут ба он, аз муваффақиятҳои илмии қарни ахир аст.

Акнун бибинем, ин асл чӣ гуна мавриди истифода қарор гирифт? Оё монанди кашфиёти пизишкӣ масалан пенсилин мавриди истифода қарор гирифт? Мутаассифона печидагӣ ва чандҷониба будани масоили равонӣ аз як тараф ва иртиботи мавзӯъ ва тамоюлоти башар — ки хоҳ нохоҳ дар кӯр кардани басират таъсир дорад — аз тарафи дигар, нагузошт он истифодае, ки бояд бишавад сурат гирад… Балки бар уқдаҳо ва тирагиҳои равонӣ афзуда гардид, омори бемориҳои равонӣ, ҷунунҳо, худкушиҳо, ҷиноятҳо, дилҳираҳо ва изтиробҳо, яъсҳо ва бадбиниҳо, ҳасодатҳо ва кинаҳо ба сурати ваҳшатноке боло рафт. Чаро? Барои ин ки саркӯб накардани ғароиз ба маънои озод гузоштани майлҳо, ва озод гузоштани майлҳо ба маънои рафъи тамоми қайдҳо ва ҳудуд ва муқаррарот тафсир шуд.

Пас аз он ки қарнҳо алайҳи шаҳватпарастӣ ба унвони амре мунофии ахлоқ ва омили барҳам задани оромиши руҳӣ ва мухил (халаловар) ба назми иҷтимоӣ ва ба унвони навъе инҳироф ва беморӣ тавсия ва таблиғ шуда буд, якбора варақ баргашт ва сафҳа иваз шуд. Ҷилавгирӣ аз шаҳавот ва пойбанд будан ба иффат ва тақво ва таҳаммули қайдҳо ва ҳудуди ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, омили барҳам задани оромиши руҳӣ ва мухил ба назми иҷтимоӣ, ва аз ҳама болотар, амре зиддиахлоқ ва таҳзиби нафс муаррифӣ шуд. Фарёдҳо баланд шуд: маҳдудиятҳоро бардоред, то решаи мардумозорӣ ва кинаҳо ва адоватҳо канда шавад! Иффатро аз миён бардоред, то дилҳо ором бигирад ва назми иҷтимоӣ барқарор гардад! Озодии мутлақ эълом кунед, то бемориҳои равонӣ рахт барбандад!

Бадеҳӣ аст инчунин фарзияи ба зоҳир ширин ва дилпазире ба унвониислоҳи мафосиди ахлоқӣ ва иҷтимоӣ, тарафдорони зиёде хусусан дар миёни ҷавонони муҷаррад пайдо мекунад.

Мо дар кишвари худамон мебинем чӣ касоне аз он тарафдорӣ мекунанд! Чӣ аз ин беҳтар, ки худро дар ихтиёри дил, ва дилро дар ихтиёри ҳавас қарор диҳем ва дар айни ҳол амали мо ахлоқӣ ва инсонӣ шумурда шавад ва номи мо дар листи муҳассилини ахлоқи иҷтимоӣ қарор гирад!.. Ҳам комҷӯӣ аст ва ҳам хидмат ба навъ, ҳам танпарварӣ аст ва ҳам ислоҳи нафс, ҳам шаҳват аст ва ҳам ахлоқ! Бе шабоҳат ба ишқи маҷозӣ, ки дар миёни бархе аз

мутасаввифмаобони худамон маъмул буда нест! Чӣ аз ин беҳтар, ки одамӣ аз мусоҳибати шоҳиде зеборӯй баҳраманд гардад ва ин кори ӯ сулук иллаллоҳ шумурда шавад!

Натиҷа чӣ шуд? Аз аввал маълум буд. Оё бемориҳои равонӣ маъдум шуд? Оромиши руҳӣ ҷойи изтироб ва дилҳирaро гирифт? Хайр! Мутаассифона натиҷаи маъкус бахшид. Бадбахтӣ бар бадбахтиҳои пешин афзуд, то он ҷо, ки баъзе аз пешқадамони озодии ҷинсӣ, ки тезҳуштар буданд, сухани худро ба сурати тафсир ва таъвил пасгирифтанд. Гуфтанд: аз ҳудуд (ва) муқаррароти иҷтимоӣ чорае нест! Ғаризаро аз таматтуъоти ҷинсӣ наметавон ба таври куллӣ ирзо ва ишбоъ кард, бояд зеҳнро мутаваҷҷеҳи масоили олии ҳунарӣ ва фикрӣ кард ва ғаризаро ба таври (ғайри) мустақим ба сӯйи ин умур ҳидоят намуд. Фрейд яке аз ин афрод аст.

Ахлоқе, ки амсоли Росел аз он таблиғ мекунанд ва номи онро “ахлоқи навин” гузоштаанд, ҳамон аст, ки самарааш ошуфтагии беш аз пеши ғароиз ва тамоюлот аст, ва бар хилофи муддаъои онҳо, ки ахлоқи куҳанро муттаҳам ба ошуфта сохтани руҳ мекунанд, системи ахлоқии худи онҳо сазовори ин иттиҳом аст.

Имрӯз падидаҳои иҷтимоии хоссе ва ба иборати дигар, мушкилоти иҷтимоии махсусе пайдо шуда, ки афкори уламои иҷтимоъро ба худ машғул доштааст.

Дар ҷомеаи имрӯз, ҷавонон ба таври маҳсусе аз издивоҷ шона холӣ мекунанд, ҳомилагӣ ва зоидан ва бачча бузург кардан ба сурати амри манфуре барои занон даромадааст, занон ба идораи амри хона камтар алоқа нишон медиҳанд, издивоҷҳое, ки намунаи ваҳдати руҳ аст, ҷуз дар миёни табақоте, ки ба муқаррароти ахлоқи куҳан пойбанданд камтар дида мешавад, ҷанги аъсоб беш аз пеш рӯ ба афзоиш аст ва билохира ошуфтагии руҳии аҷибе маҳсус ва машҳуд аст.

Гурӯҳе мехоҳанд ин аворизро лозимаи қаҳрии инқилоби санъатии ҷадид бидонанд ва роҳи баргаштро бад-ин васила бибанданд, дар сурате ки инҳо рабти зиёде ба зиндагии санъатӣ ва аз миён рафтани зиндагии кишоварзӣ надорад. Ин авориз ношӣ аз як навъ ба истилоҳ инқилоби фикрӣ аст ва афроди хоссе ҳастанд, ки масъулияти умдаи ин бадбахтии башариятро доранд.

Росел дар гуфтори худ дучори таноқузгӯиҳо мегардад; гоҳе сахт аз озодии ҷинсӣ ҳимоят мекунад (ки дар бахшҳои пеш бархе ибороти ӯро нақл кардем) ва гоҳе иҷборан лузуми як

силсила ҳудуд ва қайдҳои иҷтимоиро дар ин замина мепазирад. Мо барои ин ки сухан тӯлонӣ нашавад, аз нақл ва интиқоди онҳо худдорӣ мекунем.

* * *

Ҳақиқат ин аст, ки ишбои ғариза ва саркӯб накардани он як матлаб аст, ва озодии ҷинсӣ ва рафъи муқарарот ва мавозини ахлоқӣ матлаби дигар. Ишбои ғариза бо риояти асли иффат ва тақво мунофӣ нест, балки танҳо дар сояи иффат ва тақвост, ки метавон ғаризаро ба ҳадди кофӣ ишбоъ кард ва ҷилави ҳаяҷонҳои беҷо ва нороҳатиҳо ва эҳсоси маҳрумиятҳо ва саркӯб шуданҳои ношӣ аз он ҳаяҷонҳоро гирифт. Ба иборати дигар, парвариш додани истеъдодҳо ғайр аз пар додан ба ҳавасҳо ва орзуҳои поённопазир аст.

Яке аз мухтассот ва имтиёзоти инсон аз ҳайвонот ин аст, ки ду навъ майл ва таманно дар башар мумкин аст пайдо шавад: таманноҳои содиқ, таманноҳои козиб. Таманноҳои содиқ ҳамонҳост, ки муқтазои табиати аслӣ аст. Дар вуҷуди ҳар инсоне табиати майл ба сиёнати зот, ба қудрат ва тасаллут, ба умури ҷинсӣ, ба ғизо хӯрдан ва амсоли инҳо ҳаст.

Ҳар як аз ин майлҳо ҳадаф ва ҳикмате дорад. Ба илова, ҳамаи инҳо маҳдуданд, вале ҳамаи инҳо мумкин аст заминаи як таманнои козиб воқеъ шаванд. Иштиҳои козибе, ки афрод дар мавриди хӯрданиҳо пайдо мекунанд, машҳур ва маъруфи ҳама аст.

Дар баъзе аз майлҳо ва ғароиз (ки ғаризаи ҷинсӣ аз онҳост) ин таманно ғолибан ба сурати як аташи руҳӣ дармеояд, яъне қаноат ва поёнпазириро дар он роҳ нест.

Ғаризаи табииро метавон ишбоъ кард, аммо таманнои козиб хусусан агар шакли аташи руҳӣ ба худ бигирад, ишбоъпазир нест.

Иштибоҳи касоне, ки барои ҷилавгирӣ аз саркӯби ғароиз ва ба манзури рушди истеъдодҳо режими ахлоқи озодро ба истилоҳ пешниҳод карданд, ношӣ аз ин аст, ки ин тафовути шигарфи инсон ва ҳайвонро нодида гирифтанд ва ба ин ҷиҳат таваҷҷӯҳ накарданд, ки майл ба бениҳоят дар сиришти инсон нуҳуфтааст. Инсон чӣ дар заминаи пул ва иқтисодиёт, чӣ дар заминаи сиёсат ва ҳукумат ва тасаллут бар дигарон ва чӣ дар заминаи умури ҷинсӣ агар заминаи мусоиде барои пешравӣ бибинад, дар ҳеч ҳадде таваққуф намекунад. Хиёл карданд, ки ҳоҷати ҷинсӣ дар вуҷуди башар филмасал назири ҳоҷати табиии ҳар касе ба идрор ва холӣ кардани масона аст. Манъ ва ҳабси идрор аз назари пизишкӣ мазаррoти фаровоне дорад, аммо холӣ кардани он ҳудуд ва шароите надорад. Агар фаразан касе

қадам ба қадам дар кӯчаҳо ва хиёбонҳо маҳалли муносиб ва покиза ва маҷҷонӣ барои идрор биёбад, беш аз миқдори ҳоҷат ба онҳо таваҷҷӯҳе нахоҳад кард.

Ниҳояти ҷаҳолат аст, ки ғаризаи ҷинсӣ ё ғаризаи қудратталабӣ ё пулпарастии башарро аз ин қабил бидонем ва таваҷҷӯҳи худро танҳо ба ҷанбаҳои маҳрумият ва ишбоъ нашудани ғариза маътуф кунем ва аворизи ҳайратовар ва поённопазири ҷиҳати мухолифро нодида бигирем.

Агар инсон дар ин заминаҳо монанди ҳайвонот зарфияти маҳдуд ва поёнпазире медошт, эҳтиёҷе набуд на ба муқаррароти сиёсӣ ва на ба муқаррароти иқтисодӣ ва на ба муқаррароти ҷинсӣ. Аз назари ахлоқӣ низ на ниёзе ба ахлоқи сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд, на ба ахлоқи иқтисодӣ ва на ба ахлоқи ҷинсӣ. Ҳамон зарфияти маҳдуди табиӣ ҳамаи мушкилотро ҳал мекард. Аммо ҳамчунон ки аз муқаррарот ва ахлоқи маҳдудкунанда дар равобити иҷтимоӣ ва умури иқтисодӣ ва аз иффат ва тақвои сиёсӣ ва иҷтимоӣ гурезе нест, аз муқаррарот ва ахлоқи маҳдудкунандаи ҷинсӣ ва аз иффат ва тақвои ҷинсӣ низ гурезе намебошад.

## Демукросӣ дар ахлоқ

Дар ахлоқ низ монанди сиёсат бояд усули озодӣ ва демукросӣ ҳукмфармо бошад, (ин матлаб) матлаби саҳеҳ ва дурусте аст. Яъне инсон бояд бо ғароиз ва тамоюлоти худ монанди як ҳукумати одил ва демукрот бо тӯдаи мардум рафтор кунад.

Вале иддае онҷо, ки пойи масоили ахлоқӣ дар миён меояд ё онҷо, ки инсон дар муқобили худаш қарор гирифта ва бояд дар бораи рафтори худаш бо худаш қазоват кунад, амдан ё саҳван демукросиро бо худсарӣ ва ҳарҷу марҷ ва бебандуборӣ иштибоҳ мекунанд. Ислом дар бораи ахлоқи ҷинсӣ ҳамонро мегӯяд, ки ҷаҳони имрӯз дар бораи ахлоқи сиёсӣ ва ахлоқи иқтисодӣ пазируфтааст.

Ахлоқи сиёсӣ ба ғаризаи қудрат ва бартариталабӣ марбут аст ва ахлоқи иқтисодӣ ба ҳисси афзунталабӣ, ҳамчунон ки ахлоқи ҷинсӣ марбут аст ба ғаризаи ҷинсӣ. Аз назари лузуми озодӣ аз як тараф ва лузуми инзиботи шадид аз тарафи дигар, ҳеч тафовуте миёни ин се бахши ахлоқ нест. Маълум нест чаро тарафдорони ахлоқи навини ҷинсӣ ин гушодадастиҳоро танҳо дар бораи ахлоқи ҷинсӣ ҷоиз мешуморанд?!

## Ишқ ва ғаризаи ҷинсӣ

Яке аз масоили муҳимми ахлоқи ҷинсӣ масъалаи ишқ аст. Чунон ки медонем, фалосифа аз қадимулайём барои ишқ фасли махсусе боз карда ва ба баррасии моҳияти он пардохтаанд.

Ибни Сино рисолаи махсусе дар ишқ фароҳам овардааст. Урафо ишқро дар ҳамаи ашё сорӣ ва ишқи инсон ба инсонро мазҳари он ҳақиқати куллӣ донистаанд.

Шуарои аҳли адаб бо он ки шаҳватро амре ҳайвонӣ ва паст шумурдаанд, ишқро ситоиш карда ва ба он ифтихор кардаанд, то онҷо, ки муқоисаи ақл ва ишқ ва тарҷеҳи ишқ бар ақл бахше аз адабиёти моро ташкил медиҳад.

Ишқе, ки мавриди ситоиш воқеъ шуда ва аз ғайри мақулаи шаҳват дониста шудааст, танҳо ишқи илоҳӣ нест, (балки) ҳатто ишқи инсон ба инсон низ дар баъзе аз ақсомаш амре шариф ва хориҷ аз мақулаи шаҳват муаррифӣ шудааст.

Нуқтаи муқобили ин идда, афроде буда ва ҳастанд, ки ишқро чӣ аз лиҳози мабдаъ ва чӣ аз лиҳози кайфият ва чӣ аз лиҳози ҳадаф ҷуз ҳиддату шиддати ғаризаи ҷинсӣ намедонанд ва ба ишқи муқаддас имон ва эътироф надоранд. Аз назари ин идда, истеъмоли ишқ дар мавриди Худованд низ хориҷ аз назокат ва адаб ва убудият аст.

Аз назари дастаи аввал, ишқ тақсимоте дорад: яке аз ақсоми он, ишқи инсон ба инсон аст. Ин ишқ низ ба навбаи худ бар ду қисм аст: ҷисмонӣ ва нафсонӣ (ва ба таъбири дигар: ҳайвонӣ ва инсонӣ). Вале аз назари дастаи дуввум, ишқ тақсимот ва ақсоме надорад, ҳар чӣ ҳаст ҳамон шаҳват асту бас.

Имрӯз дар миёни баъзе аз фалосифаи ҷадид ақидаи севвуме пайдо шудааст. Аз назари ин идда, решаи ҳамаи ишқҳо амри ҷинсӣ аст, вале ҳамин амри ҷинсӣ дар шароити хоссе тадриҷан тағйири шакл медиҳад ва хоссияти ҷинсӣ ва шаҳавонии худро аз даст медиҳад ва ҷанбаи руҳӣ ва маънавӣ ба худ мегирад.

Ин идда ба дугунагии ишқ қоил ҳастанд, аммо ба маънои дугунагӣ аз лиҳози ҳолат ва кайфият ва ҳадаф ва осор, на дугунагӣ аз лиҳози реша ва мабдаъ. Аз назари ин идда, ҷойи таъаҷҷуб нест, ки як амри моддӣ шакли маънавӣ ба худ бигирад, зеро миёни моддиёт ва маънавиёт он чунон девори ғайри қобили убуре вуҷуд надорад ва ба қавли яке аз аҳли

назар: “*Ҳар амри маънавӣ асл ва пояи моддӣ ва табиӣ дорад ва ҳар амри моддӣ як густариш ва басти маънавӣ.*” (*Лаззоти фалсафа, с.135*)

Мо феълан намехоҳем вориди ин баҳси амиқи равонӣ ва фалсафӣ бишавем ва ба нақлу нақди ақоид ва орои зиёде, ки дар ин бора — қадиман ва ҷадидан — гуфта шуда бипардозем. Дар инҷо ҳамин қадр мегӯем, хоҳ ишқ решаи ғайри ҷинсӣ дошта бошад ва хоҳ надошта бошад, ва ба фарзи аввал хоҳ битавонад тағйири шакл ва моҳият бидиҳад ва ҷанбаи маънавӣ ва руҳонӣ пайдо кунад, хоҳ накунад, (аммо) дар ин ҷиҳат наметавонем тардид дошта бошем, ки ишқ аз лиҳози осори равонӣ ва иҷтимоӣ, яъне аз лиҳози таҳаввулоте, ки дар руҳи фард эҷод мекунад ва аз лиҳози таъсироте, ки дар халқи осори ҳунарӣ ва завқӣ ва иҷтимоӣ дорад, бо як шаҳвати соддаи ҳайвонӣ, ки ҳадафаш сирфан ирзо ва ишбоъ аст, тафовути бисёр дорад.

Ҳолати хосси шаҳавонӣ то вақте ки сурати шаҳавонӣ дорад, мақрун ба худхоҳӣ аст ва дар ин ҳолат инсон ба мавзӯи шаҳват ба чашми як абзор ва васила нигоҳ мекунад, аммо ҳамин ки шакли ишқ ба худ гирифт, мавзӯи дилхоҳ он чунон асолат пайдо мекунад, ки ҳатто аз ҷони хостор азизтар ва гаронбаҳотар мегардад ва хостор фидои мавзӯи дилхоҳи худ мешавад. Яъне шахси хостор аз “худӣ” берун меравад ва лоақал худии ӯ худии тарафро низ дабар мегирад. Аз ин рӯст, ки ишқ ба унвони мураббӣ, кимиё, муаллим ва илҳомбахш хонда шудааст.

Саъдӣ мегӯяд:

*Ҳар ки ишқ андар ӯ каманд андохт,*
*Ба муроди вояш бибояд сохт.*
*Ҳар ки ошиқ нагашт мард нашуд,*
*Нуқра фоиқ нагашт то нагудохт.*

Ё масалан Ҳофиз мегӯяд:

*Булбул аз файзи гул омӯхт сухан, варна набуд*
*Ин ҳама қавлу ғазал таъбия дар минқораш.*

Адабиёти ҷаҳон пур аст аз ин таъбирот.

Ишқро, ҳам ғарбӣ ситоиш карда, ҳам шарқӣ, аммо бо ин тафовут, ки ситоиши ғарбӣ аз он назар аст, ки висоли ширин дарбар дорад, ва ҳаддиаксар аз он назар, ки ба аз миён рафтани

худии фардӣ — ки ҳамвора зиндагиро мукаддар мекунад — ва ба ягонагӣ дар руҳ мунҷар мешавад ва ду шахсият баст ёфта ва яке шуда, тавъам бо якдигар зист мекунанд ва аз ҳаддиаксари лутфи зиндагӣ баҳраманд мегарданд. Аммо ситоиши шарқӣ аз ин назар аст, ки ишқ дар ҳадди зоти худ матлуб ва муқаддас аст; ба руҳ шахсият ва шукӯҳ медиҳад, илҳомбахш аст, кимиёасар аст, мукаммил аст, тасфиякунанда аст, на бад-он ҷиҳат, ки висоли ширин дар пай дорад ва ё муқаддимаи ҳамзистии пур аз лутфи ду руҳи инсонӣ аст. Аз назари шарқӣ, агар ишқи инсон ба инсон муқаддима аст, муқаддимаи маъшуқе олитар аз инсон аст, ва агар муқаддимаи ягонагӣ ва иттиҳод аст, муқаддимаи ягонагӣ ва вусул ба ҳақиқати олитар аз уфуқи инсонӣ аст.

Хулоса ин ки дар масъалаи ишқ низ монанди бисёре аз масоили дигар, тарзи тафаккури шарқӣ ва ғарбӣ мутафовит аст. Ғарбӣ дар айни ин ки дар охирин марҳила ишқро аз як шаҳвати содда ҷудо медонад ва ба он сафо ва риққате руҳонӣ медиҳад, онро аз чаҳорчӯби масоили зиндагӣ хориҷ намесозад ва ба чашми яке аз мавоҳиби зиндагии иҷтимоӣ ба он менигарад, аммо шарқӣ ишқро дар мофавқи масоили оддии зиндагӣ ҷустуҷӯ мекунад.

Агар он фарзияро бипазирем, ки мегӯяд, ишқ аз *лиҳози* реша ва ҳам аз *лиҳози* кайфият, ҳадаф ва осор ҷуз ғаризаи ҷинсӣ нест, ишқ дар ахлоқи ҷинсӣ фасли ҷудогонае нахоҳад дошт. Он чӣ дар бораи *лузум* ва адами *лузуми* парвариши ғаризаи ҷинсӣ гуфта шуд, дар ин бора кофӣ аст. Ва аммо агар ишқро аз *лиҳози* реша ва *лоақал* аз *лиҳози* кайфият ва осори равонии иҷтимоӣ бо ғаризаи ҷинсӣ муғойир донистем, ночорем фасли ҷудогонае барои лузум ва адами лузуми парвариши ин истеъдод боз кунем. *Лузуми* ишбоъи ғаризаи ҷинсӣ кофӣ нест, ки ишқро муҷоз бишуморем, ҳамчунон ки ишбоъи ғаризаи ҷинсӣ барои парвариши ин ҳолати нимамаънавӣ кофӣ нест ва маҳрумият аз ин мавҳибат мумкин аст аворизе дошта бошад, ки бо ишбоъи ҳайвонии ғаризаи ҷинсӣ чорапазир нест.

Росел дар “*Заношӯӣ ва ахлоқ*” мегӯяд:

“*Касоне, ки ҳаргиз аз ваҳдати самимона ва амиқи рафоқати пуршӯри як ишқи тарафайнӣ бӯе набурдаанд, дар ҳақиқат ширинии ҷанбаҳои зиндагиро начашидаанд ва бе он ки худ бидонанд, маҳрумият аз он авотиф ононро ба сӯйи қасоват, ҳасодат ва зӯргӯӣ савқ медиҳад.*”

Маъмулан гуфта мешавад, ки дин душмани ишқ аст. Боз тибқи маъмул, ин душман ин тавр тафсир мешавад, ки чун дин ишқро бо шаҳвати ҷинсӣ яке медонад ва шаҳватро зотан палид мешуморад, ишқро низ хабис мешуморад.

Вале чунон ки медонем, ин иттиҳом дар бораи ислом содиқ нест, дар бораи масеҳият содиқ аст. Ислом шаҳвати ҷинсиро палид ва хабис намешуморад, то чӣ расад ба ишқ, ки ягонагӣ ва дугонагии он бо шаҳвати ҷинсӣ мавриди баҳсу гуфтугӯст.

Ислом муҳаббати амиқ ва самимии завҷайнро ба якдигар мӯҳтарам шумурда ва ба он тавсия кардааст ва тадобире ба кор бурда, ки ин ягонагӣ ва ваҳдат ҳар чӣ бештар ва муҳкамтар бошад.

Нуктае, ки дар инҷо ҳаст ва аз он ғафлат шуда ин аст: иллати ин ки гурӯҳе аз муаллимони ахлоқ бо ишқ аз назари ахлоқӣ ба мухолифат бархостаанд ва лоақал онро ахлоқӣ нашумурдаанд, зиддияти ақлу ишқ аст. Ишқ он чунон саркаш ва нерӯманд аст, ки ҳарҷо роҳ пайдо мекунад, ба ҳукумат ва султаи ақл хотима медиҳад. Ақл нерӯе аст, ки ба қонун фармон медиҳад ва ишқ ба истилоҳ тамоюл ба оноршӣ дорад ва пойбанди ҳеч расму қонуне нест. Ишқ як нерӯи инқилобии инзиботнопазири озодиталабӣ аст. Бинобар ин, системҳое, ки асоси худро бар пояи ақл гузоштаанд, наметавонанд ишқро таҷвиз кунанд. Ишқ аз ҷумла умуре аст, ки қобили тавсия ва таҷвиз нест. Он чӣ дар мавриди ишқ қобили тавсия аст ин аст, ки агар ба ҳасби тасодуф ва ба иллатҳои ғайри ихтиёрӣ пеш ояд, шахс бояд чӣ гуна амал кунад, то ҳаддиаксари истифодаро бибарад ва аз осори мухарриби он масун бимонад.

Матлаби умдае, ки дар инҷо ҳаст, робитаи ишқ ва иффат аст. Оё ишқ ба мафҳуми олӣ ва муфиди худ, дар муҳитҳои ба истилоҳ озод беҳтар рушд меёбад ва ё ишқи олӣ тавъам бо иффати иҷтимоӣ аст; муҳитҳое, ки дар онҷо зан ба ҳоли ибтизол даромадааст, кушандаи ишқи олӣ аст? Ин, матлабе аст, ки дар қисмати оянда, ки охирин қисмати ин баҳс аст матраҳ хоҳад шуд.

**Ишқ ва иффат**

Вил Дуронт мегӯяд:

*“Дар сар то сари зиндагии инсон, ба иҷмоъи ҳама, ишқ аз ҳар чиз ҷолиби таваҷҷӯҳтар аст. Ва таъаҷҷуб ин ҷост, ки фақат иддаи каме дар бораи реша ва густариши он баҳс кардаанд. Дар ҳар забоне дарёе аз китобҳо ва мақолот, тақрибан аз қалами ҳар нависандае, дар бораи ишқ пайдо шудааст ва чӣ ҳамосаҳо ва дромҳо (драмаҳо) ва чӣ ашъори шӯрангез, ки дар бораи он ба вуҷуд омадааст! Ва бо ин ҳама, чӣ ночиз аст таҳқиқоти илмии маҳз дар бораи ин амри аҷиб ва асли табиии он ва иллатҳои такомул ва густариши шигифтангези он…”* (*Лаззоти фалсафа, с.117*)

Мо дар сафаҳоти қабл гуфтем, он чӣ маҷмӯан аз гуфтаҳои уламои қадим ва ҷадид дар бораи реша ва ҳадафи ишқ ва ягонагӣ ё дугонагии он бо майли ҷинсӣ истинбот мешавад, се назария аст. Ва гуфтем ишқ, ҳам дар ғарб ва ҳам дар шарқ аз шаҳват тафкик шуда ва амри қобили ситоиш ва тақдисе шинохта шудааст, вале ин ситоиш ва тақдис он тавр ки мо истинбот кардаем, аз ду ҷанбаи мухталиф будааст, ки қаблан тавзеҳ дода шуд.

Матлаби умда дар инҷо робитаи ишқ ва иффат аст. Бояд бибинем, ин истеъдоди олӣ ва табиӣ дар чӣ замина ва шароите беҳтар шукуфон мегардад? Оё онҷо, ки як силсила муқаррароти ахлоқӣ ба номи иффат ва тақво, бар руҳи марду зан ҳукумат мекунад ва зан ба унвони чизе гаронбаҳо дур аз дастраси мард аст, ин истеъдод беҳтар ба феълият мерасад ё онҷо, ки эҳсоси манъе ба номи иффат ва тақво дар руҳи онҳо ҳукумат намекунад ва асосан чунин муқаррароте вуҷуд надорад ва зан дар ниҳояти ибтизол дар ихтиёри мард аст? Иттифоқан, масъалае, ки ғайри қобили инкор аст ин аст, ки муҳитҳои ба истилоҳ озод, монеъи пайдоиши ишқҳои сӯзон ва амиқ аст. Дар ин гуна муҳитҳо, ки зан ба ҳоли ибтизол даромадааст, фақат замина барои пайдоиши ҳавасҳои онӣ ва муваққатӣ ва ҳарза шудани қалбҳо фароҳам аст.

Инчунин муҳитҳо муҳити шаҳват ва ҳавас аст, на муҳити ишқ ба мафҳуме, ки файласуфон ва ҷомеашиносон онро мӯҳтарам мешиносанд. Яъне он чизе, ки бо фидокорӣ ва аз худ гузаштагӣ ва сӯзу гудоз тавъам аст ҳушёркунанда аст, қувваҳои нафсониро дар як нуқта мутамаркиз мекунад, қувваи хиёлро пару бол медиҳад ва маъшуқро он чунон ки мехоҳад дар зеҳни худ расм мекунад, на он чунон ки ҳаст, халлоқ ва офаринандаи нубуғҳо ва ҳунарҳо ва ибтикорҳо ва афкори олӣ аст.

Беҳтар аст инҷо матлабро аз забони худи донишмандоне, ки тарафдори усули навине дар ахлоқи ҷинсӣ мебошанд, бишнавем. Вил Дуронт мегӯяд:

*“Юнонён шеъри ошиқонаро гарчӣ дар мавриди ғайри табиии он (ишқи мард ба мард) бошад мешинохтанд. Ва достонҳои “Ҳазору як шаб” нишон медиҳад, ки сурудҳои ошиқона аз қуруни вусто ҷилавтар буд, вале тарғиби иффат ва покдоманӣ аз тарафи калисо, ки ӯро ба иллати дур аз дастрас будан, ҷаззобият бахшид, мояи нузҷи ғазали ошиқона гардид. Ҳатто Ларошфуко, нависандаи нешзани бузург мегӯяд: “Чунин ишқе барои руҳи ошиқ монанди ҷон барои бадан аст…” Ин истиҳолаи майли ҷисмониро ба ишқи маънавӣ чӣ гуна тавҷеҳ кунем? Чӣ мӯҷиб мешавад, ки ин гуруснагии ҳайвонӣ чунон сафо ва лутф бипазирад, ки изтироби ҷисмонӣ ба риққати руҳӣ табдил шавад? Оё рушди тамаддун аст, ки ба иллати таъхир андохтани издивоҷ мӯҷиб мешавад, то амёли ҷисмонӣ бароварда нашавад ва ба даруннигарӣ ва тахайюл савқ шавад ва маҳбубро дар либоси рангоранге аз тахайюлоти амёли нобароварда ҷилвагар созад? Он чӣ биҷӯем ва наёбем азиз ва гаронбаҳо мегардад. Зебоии як шайъ чунон ки хоҳем дид, бастагӣ ба қудрати майл ба он шайъ дорад; майле, ки бо ирзо ва иқноъ заъиф мешавад ва бо манъ ва ҷилавгирӣ қавӣ мегардад.” (Лаззоти фалсафа, с.130)*

Ҳам ӯ мегӯяд:

*“Ба ақидаи Вилём Ҷеймз, ҳаё амри ғаризӣ нест, балки иктисобӣ аст. Занон дарёфтанд, ки дастудилбозӣ мояи таъну таҳқир аст ва ин амрро ба духтарони худ ёд доданд… Занони бешарм ҷуз дар мавориди зудгузар, барои мардон ҷаззоб нестанд. Худдорӣ аз инбисот, ва имсок дар базлу бахшиш беҳтарин силоҳ барои шикори мардон аст. Агар аъзои ниҳонии инсонро дар маъразӣ омм ташреҳ мекарданд, таваҷҷӯҳи мо ба он ҷалб мешуд, вале рағбат ва қасд ба нудрат таҳрик мегардид. Марди ҷавон ба дунболи чашмони пур аз ҳаё аст ва бидуни он ки бидонад, ҳисс мекунад, ки ин худдории зарифона аз як лутф ва риққати олӣ хабар медиҳад. Ҳаё (ва дар натиҷа азиз будани зан ва маъшуқ воқеъ шудани ӯ барои мард) подошҳои худро пасандоз мекунад ва дар натиҷа нерӯ ва шуҷоати мардро боло мебарад ва ӯро ба иқдомоти муҳим вомедорад ва қувваҳоеро, ки дар зери сатҳи ороми ҳаёти мо захира шудааст, берун мерезад.” (Ҳамон манбаъ, с.133)*

Ҳам ӯ мегӯяд:

*“Имрӯз либосҳои сангини фишоровар, ки монанди мавонеъе буданд аз миён рафтаанд ва духтар имрӯз худро бо ҷасорати тамом аз дасти либосҳои мӯҳтарамонае, ки монеъи ҳамл буд*

*раҳонидааст. Доманҳои кӯтоҳ бар ҳамаи ҷаҳониён ба ҷуз хайётон неъмате аст ва танҳо айбашон ин аст, ки қудрати тахайюли мардонро заъифтар мекунад. Ва шояд агар мардон қувваи тахайюл надошта бошанд, занон низ зебо набошанд!" (Ҳамон манбаъ, с.165*)

Бертронд Росел дар китоби "*Заношӯӣ ва ахлоқ*" дар фасле, ки ба унвони "*Ишқи румонтик*" боз кардааст, мегӯяд:

*"Асли асосии ишқи румонтик он аст, ки маъшуқи худро бисёр гаронбаҳо ва ба даст овcovарданашро бисёр душвор бидонем… Баҳои зиёде, ки барои зан қоил мешуданд, натиҷаи равоншиносии ашколи тасарруфи вай буд." (Заношӯӣ ва ахлоқ, с.36*)

Ва низ мегӯяд:

*"Аз лиҳози ҳунарҳо мояи таассуф аст, ки ба осонӣ ба занон битавон даст ёфт ва хеле беҳтар аст, ки висоли занон душвор бошад бидуни он ки ғайри мумкин гардад… Дар ҷойе, ки ахлоқиёт комилан озод бошад, инсоне, ки билқувва мумкин аст ишқи шоирона дошта бошад, амалан бар асари муваффақиятҳои мутаволӣ ба воситаи ҷозибаи шахсии худ, нудратан ниёзе ба тавассул ба олитарин тахайюлоти худ хоҳад дошт." (Ҳамон манбаъ, с.39-40*) » (6)

Ва низ мегӯяд:

*"Касоне ҳам, ки афкори кӯҳнаро пушти сар гузоштаанд, дар маърази хатари дигаре дар мавриди ишқ ба мафҳуми амиқе, ки мо барои он қоилем қарор гирифтаанд. Агар марде ҳеч гуна родеъи ахлоқӣ дар баробари худ набинад, якбора таслими тамоюлоти ҷинсӣ шуда ва ишқро аз куллияи эҳсосоти ҷиддӣ ва авотифи амиқ ҷудо сохта ва ҳатто онро бо кина ҳамроҳ месозад." (Ҳамон манбаъ, с.64*)

Аҷабо! Оқои Росел дар инҷо дам аз ахлоқиёт мезанад. Мақсуди ӯ аз ахлоқиёт чист? Ӯ, ки иффат ва тақворо маҳкум мекунад, ҳатто издивоҷро монеъи ишқ, балки монеъи ҳеч гуна таматтуъ аз ғайри ҳамсари шаръӣ ва қонунӣ намедонад ва мӯътақид аст, ки зан фақат бояд коре бикунад, ки аз ғайри ҳамсари қонунӣ бордор нашавад. Ӯ, ки зинорo ҷуз дар сурати унф ва ё дар сурате ки садамаи ҷисмӣ бар тараф ворид шавад, муҷоз мешуморад! Ӯ, ки ахлоқро ҷуз татбиқ кардан ва ҳамоҳанг сохтани манофеи худ бо иҷтимоъ намедонад, ӯ, ки чунин фикр мекунад, чӣ тасаввури саҳеҳе аз ахлоқе, ки монеъ ва родеъи тамоюлоти ҷинсӣ ва парваришдиҳандаи эҳсосоти латифи ишқӣ бошад дорад?!

Ба ҳар ҳол, он чӣ мусаллам аст ин аст, ки муҳитҳои иштирокии ҷинсӣ ё шибҳииштирокӣ, ки оқои Росел ва амсоли ӯ пешниҳод ва орзу мекунанд, кушандаи ишқ ба мафҳумест, ки файласуфон аз он дам мезананд ва онро авҷи ҳаёт ва ҳадди аълои шӯри зиндагӣ мехонанд, аз ӯ ба унвони муаллим ва мураббӣ, илҳомбахш ва кимиё ёд мекунанд ва касеро, ки ҳамаи умр аз он бенасиб мондааст, лоиқи инсоният намешуморанд.

Ёдоварии ду нукта лозим аст. Яке ин ки: тафкики ишқ аз шаҳват ва ин ки ишқ, ҳам аз лиҳози кайфият, ҳам аз лиҳози ҳадаф, бо шаҳвати ҳайвонӣ ва ҷинсӣ муғойир аст, аз он ҷумла масоили руҳӣ аст, ки бо усули материалистӣ созгор нест, вале ба ҳар ҳол мавриди қабули касоне аст, ки дар масоили руҳӣ моддӣ фикр мекунанд. Росел якҷо эътироф мекунад, ки:

*"Ишқ чизе болотар аз майл ба равобити ҷинсӣ аст." (Ҳамон манбаъ, с.62*)

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

*"Ишқ барои худ гоят ва усули ахлоқии хоссе дорад, ки бадбахтона таълимоти масеҳият аз як тараф ва инод алайҳи усули ахлоқии ҷинсӣ, ки қисмате аз насли ҷавон имрӯз толиби онанд (ва худи Росел оташафрӯзи ин инод аст!) аз тарафи дигар, онҳоро таҳриф ва вожгун месозад." (Ҳамон манбаъ, с.65*)

Нуктаи дигар ин ки: ба назар мерасад ин ҳолати руҳӣ, ки муғойир бо шаҳвати ҷинсӣ — лоақал аз лиҳози кайфият ва ҳадаф — шинохта шудааст, ду навъ аст ва ба ду сурати мухталиф зуҳур мекунад: яке ба сурати ҳолати пуршӯр ва пурсӯзу гудозе, ки дар натиҷаи дур аз дастрас будани маҳбуб ва ҳаяҷони фавқулъодаи руҳ ва тамаркузи қувваҳои фикрӣ дар нуқтаи воҳид аз як тараф, ва ҳукумати ифоф ва тақво бар руҳи ошиқ аз тарафи дигар, таҳаввулоти шигарфе дар руҳ эҷод мекунад, аҳёнан нубуғ меофаринд. Ва албатта ҳиҷрон ва фироқ шарти аслии пайдоиши чунин ҳолате аст ва висол мадфани он аст ва лоақал монеъ аст, ки ба авҷи шиддати худ бирасад ва он таҳаввулоти шигарфе, ки мавриди назари файласуфон аст ба вуҷуд оварад.

Ин гуна ишқҳо бештар ҷанбаи дарунӣ дорад. Яъне мавзӯи хориҷӣ баҳонае аст барои ин ки руҳ аз ботини худ биҷӯшад ва барои худ маъшуқе он чунон ки дӯст дорад бисозад ва аз дидгоҳи худ он тавр ки сохта — на он тавр ки ҳаст — бибинад. Кам-кам кор ба ҷойе мерасад,

ки ба худи он сохтаи зеҳнӣ хӯ мегирад ва он хиёлро бар вуҷуди воқеӣ ва хориҷии маҳбуб тарҷеҳ медиҳад.

Навъе дигар, он меҳр ва риққат ва сафо ва самимияте аст, ки миёни завҷайн дар тӯли замон дар асари муоширати доим ва иштирок дар сахтиҳо ва сустиҳо ва хушиҳо ва нохушиҳои зиндагӣ ва интибоқ ёфтани руҳияи онҳо бо якдигар падид меояд. Агар иҷтимоъ пок ва ноолуда бошад ва таматтуъоти завҷайн ҳамон тавре ки усули ифоф ва тақво эҷоб мекунад ба якдигар ихтисос ёбад, ҳатто дар даврони пирӣ, ки шаҳват хомӯш аст ва қодир нест завҷайнро ба якдигар пайванд диҳад, он отифаи самимона сахт онҳоро ба якдигар мепайвандад.

Нафақа додани мард ба зан ва ширкати амалии зан дар моли мард, аз ҳама болотар ихтисоси конуни хонаводагӣ ба истимтоъоти (баҳрамандиҳои) ҷинсӣ ва ихтисоси муҳити бузург ба кор ва фаъолият, аз иллатҳои умдаи ин сафо ва самимият аст. Тадобире, ки ислом дар равобити завҷайн ва ғайра ба кор бурдааст сабаб шуда, ки дар муҳитҳои исломӣ — бар хилофи муҳити Урупои имрӯз — ин гуна самимиятҳо ва меҳру сафоҳо ва ишқҳо зиёд пайдо шавад.

Навъи аввал машрут ба ҳиҷрон ва фироқ аст, тозиёнаи фироқ руҳро ҳассостар ва оташинтар мекунад; бар хилофи ин навъ аз ишқ, ки мо онро сафо ва самимият меномем ва ихтисос ба завҷайн дорад ва дар асари висол ва наздикӣ камол меёбад.

Навъ аввал дар ҳақиқат парвоз ва куниш ва ҷазб ва инҷизоби ду руҳи мутабоъид (аз ҳам дур) аст ва навъи дуввум ваҳдат ва ягонагии ду руҳи муошир. Фаразан касе дар навъи аввал тардид кунад, дар навъи дуввум наметавонад тардид дошта бошад.

Дар ояти Қуръон, онҷо, ки пайванди завҷиятро яке аз нишонаҳои вуҷуди Худованди Ҳакими Алим зикр мекунад, бо калимаи “мавaддат” ва “раҳмат” ёд мекунад (чунон ки медонем, “мавaддат” ва “раҳмат” бо шаҳват ва майли табиӣ фарқ дорад), мефармояд:

**وَمِنْ آياتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُمْ مِنْ أَنْفُسِكُمْ أَزْواجاً لِتَسْكُنُوا إِلَيْها وَجَعَلَ بَيْنَكُمْ مَوَدَّةً وَرَحْمَةً**

*“Яке аз нишонаҳои Ӯ ин аст, ки аз худи шумо барои шумо ҳамсар офарид, то бо ӯ ором гиред ва миёни шумо меҳру муҳаббат қарор дод.” (Сураи Рум, ояти 21)*

Мавлавӣ чӣ хуб ин нуктаро дарёфтааст онҷо, ки мегӯяд:

*“Зуййина лин-нос” Ҳақоростаст,*

*З-он чӣ Ҳақ ороcт, кай тонанд раст?*

*Чун пайи "яскун илайҳо"-ш офарид,*

*Кай тавонад Одам аз Ҳавво бурид?..*

*Инчунин хосийяте дар одамист,*

*Меҳр ҳайвонро кам аст, он аз камист.*

* * *

*Меҳру риққат васфи инсонӣ бувад,*

*Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.*

Вил Дуронт ин сафо ва самимиятро, ки пас аз хотимаи шаҳват низ давом пайдо мекунад, ин тавр тавсиф мекунад:

*"Ишқ ба камоли худ намерасад, магар он гоҳ ки бо ҳузури гарм ва дилнишини худ танҳоии пирӣ ва наздикии маргро мулоим ва матбуъ созад. Касоне, ки ишқро фақат майлу рағбат медонанд, фақат ба реша ва зоҳири он менигаранд. Руҳи ишқ ҳатто ҳангоме ки асаре аз ҷисм баҷо намонда бошад, боқӣ хоҳад буд. Дар ин айёми охири умр, ки дилҳои пир аз нав бо ҳам меомезанд, шукуфтагии маънавии ҷисми гурусна ба камоли худ мерасад." (Лаззоти фалсафа, с.134*)

Бо ҳамаи ихтилофе, ки миёни ин ду навъ ишқ вуҷуд дорад ва яке машрут ба ҳиҷрон аст ва дигаре ба висол, яке аз навъи ноором ӣ ва кашиш ва шӯр аст ва дигаре аз навъи оромиш ва сукун, дар як ҷиҳат муштараканд: ҳар ду гулҳои ботаровате мебошанд, ки фақат дар иҷтимоъоте, ки бар онҳо ифоф ва тақво ҳукумат мекунанд, мерӯянд ва мешукуфанд. Муҳитҳои (иштирокии) ҷинсӣ ё шибҳиштирокии ҷинсӣ на қодиранд ишқ ба истилоҳи шоирона ва румонтик ба вуҷуд оваранд ва на метавонанд дар миёни завҷайн он чунон сафо ва риққат ва самимият ва ваҳдате — ки бад-он ишора шуд — ба вуҷуд оваранд.

***Поёни китоб***